МУҲИДДИН: СИНАМОГАРОНИ МО БОЯД МУЪҶИЗА ОФАРАНД с.7

ТОҶИК ПРЕЗИДЕНТИ ИМА МЕШАВАД? с.3

ТАЪСИСИ “РАДИОИ САФИНА” ДАР ТОҶИКИСТОН с.5

ТОҶИКИСТОН

№50 (1561)
13.12.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! ~



БАРҚ БОЗ ҲАМ ГАРОН МЕШАВАД





ДАР ИН ШУМОРА:

ОҒОХОНИ IV
Пешвои исмоилиёни ҷаҳон 87-сола шуд — с.2

НБО “ҚАЙРОҚҚУМ”
Чархаи дувуми он ба кор даромад — с.3

ПРОКУРАТУРАИ ГЕНЕРАЛӢ
Соҳиби бинои нав шуд — с. 5

НИГАРОНӢ
Чаро Туту Тутиён шуд? — с. 6

1 САҲИФАИ СОЛИ 1937
Ё устод Айнӣ аз Протопопов чӣ мехост? — с. 8

ФОҶЕА
Вақте писар модарро мекушад… — с. 11

ВАРЗИШ
“Истиқлол” нишони тилло гирифту ба “Равшан” нуқра расид — с. 10

КАНЗИ ШИФО
7 роҳи мубориза бо зуком — с. 12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

PRESSA.TJ : ХАБАР МЕДИҲАД

САНАИ ИРОАИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ МАЪЛУМ ШУД

Рӯзи 28-уми декабр Паёми навбатии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба парлумон ироа мегардад.

Президенти Тоҷикистон зимни ироаи паёми худ дар баробари самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷӣ, инчунин рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишварро дар соли оянда мушаххас мекунад.

Дар ҷаласа бахшида ба ироаи Паёми Президент вакилон, раҳбарони вилояту шаҳру ноҳияҳо, вазорату ниҳодҳо, ходимони илму фарҳанг, намояндаҳои дипломатии муқими кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ низ даъват мешаванд.

Кормандони ҳамаи ниҳодҳои давлатӣ, донишҷӯёни донишгоҳҳо ва хонандагони синфҳои болоии мактабҳо ҳамасола паёми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонро дар толорҳои муассисаҳояшон тамошо мекунанд. Ҳамаи шабакаҳои давлатии телевизиону радиои кишвар маросими ироаи паёмро ба таври зинда пахш менамоянд.

Ёдовар мешавем, ки аз соли 2015 то инҷониб раисиҷумҳур маъмулан охири моҳи декабр паёми солонаи худро ба парлумони кишвар ироа мекунад.

ОЛМОН БАРОИ СОХТМОНИ НЕРӮГОҲИ «СЕБЗОР» 10 МЛН ЕВРО МЕДИҲАД

Барои сохтмони НБО-и «Себзор» дар ВМКБ шартномаи иловагӣ оид ба пешниҳоди грант ба маблағи 10 миллион евро ба имзо расид.

Санади мазкурро вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон Завқӣ Завқизода, Директори Бонки Олмонии Рушд барои минтақаи Аврупои Шарқӣ, Қафқоз ва Осиёи Марказӣ Вероника Гарсия дел Арко, Роҳбари намояндагии минтақавии Бонки Олмонии Рушд дар Осиёи Марказӣ Андреас Шнайдер ва роҳбари Ширкати «Помир Энерҷӣ» имзо карданд.

То имрӯз бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва ҷалби маблағҳои шарикони рушд, бахусус Иттиҳоди Аврупо, Ҳукумати Олмон, Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID), Котиботи Швейтсария оид ба ҳамкории иқтисодӣ (SECO) ва Бонки ҷаҳонӣ барои сохтмони НБО-и «Себзор» дар маҷмуъ 84 млн доллар грант ҷалб шудааст.

ҲАМАДОНӢ: 158 ҚОНУНШИКАНӢ, 52 ҲАЗОР ҶАРИМА

Соли равон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ 158 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин ошкор карда шудааст.

Саъдӣ Мирзоев, раиси Кумитаи идораи замин дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба Pressa.tj гуфт, ки дар ёздаҳ моҳи соли ҷорӣ 158 сокини ноҳия қонунгузории заминро вайрон кардаанд.

Ӯ мегӯяд, тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии замин нисбати сокинони қонуншикан 52 ҳазор сомонӣ ҷарима татбиқ карда шудааст: "Вобаста ба ин масъала 22 мавод ба прокуратура пешниҳод карда шуд. Аз 158 нафаре, ки талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии заминро риоя накардаанд, нисбати як нафар барои ғайриқонунӣ ишғол кардани замин ва худсарона сохтмони хона парвандаи ҷиноятӣ боз карда шудааст".



ОҒОХОНИ IV 87-СОЛА ШУД

Пайравони мазҳаби исмоилия 87-умин солгарди зодрӯзи Шоҳ Карим Ал-Ҳусайнӣ, имоми 49-уми худро ҷашн мегиранд. Пешвои исмоилиёни ҷаҳон 13-уми декабри соли 1936 дар шаҳри Женеваи Швейтсария ба дунё омадааст.

Феълан, дар саросари ҷаҳон наздик ба 20 млн нафар пайрави маҳзаби шиаи имомии исмоилӣ зиндагӣ мекунанд, ки дар Тоҷикистон, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Танзания, Кения, кишварҳои халиҷи Форс, Эрон, Лубнон, Сурия, Алҷазоир, ҳамчунин Амрико, Канада, Британиё ва Фаронса умр ба сар мебаранд. Яке аз бузургтарин ҷамоатҳои исмоилиён дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон аст.

Муридони Аълоҳазрат дар ҷашни "Мавлуд" тариқи паёмак ҳамдигарро шодбош мегӯянду хурсандии худро бо дигарон қисмат мекунанд. Аълоҳазрат Шоҳ Карим донишомӯхтаи Донишкадаи таърихи исломи Донишгоҳи Ҳарвард буда, бунёдгузор ва сарвари "Шабакаи тавсеаи Оғохон" (AKDN) аст.

Ӯ пас аз бобояш Султон Муҳаммадшоҳ Оғохони Севум, дар рӯзи 11-уми июли соли 1957, дар 20-солагӣ пешвои руҳонии исмоилиёни ҷаҳон шудааст. Ӯ яке аз таъсиргузортарин мусалмонони олам мебошад.

САРИ САБЗ



Асалбек НАЗРИЕВ,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Солҳои 70-90 Театри Лоҳутӣ дар хобгоҳи Вазорати фарҳанг 15 ҳуҷра дошт. Ҳоло он хонаҳоро дигарон соҳиб шудаанд ва ҳунармандони театри мо дар иҷора зиндагӣ мекунанд. Бо ин вазъ, маҷбур мешаванд, ки барои гирифтани зан, хона ва мошин тарки театр кунанд.

- Ҳаҳаҳаҳ, аз хандая куштед. О, ё пурра ба театр дода шаванд, ё дар фикри зану хонаву мошин афтанд-да! Худатон медонед, ки ҳамин чизҳо барои кору эҷоди ҳунарӣ халал мерасонанд...



Саидмурод ДАВЛАТОВ,
соҳибкори шинохтаи тоҷик

- Аз солҳои 70-ум то 2000-ум кафолат буд, ки бори зиндагиро пеш бурда метавонед. Яъне, маълумоти олӣ кафолати пеш бурдани зиндагиро дошт. Аммо ҳоло чунин нест. Бароятон маълумоти олӣ кафолат намедиҳад, ки зиндагии шоистаро созед.

- Ана ҳамин фикратон он қадар қобили қабул не, ҷаноб. Аз дигар андешаҳоятон дар бораи рушд ба куллӣ фарқ мекунад. Нашавад, ки аз ҳамин ҳисоб сафи довталабони Маркази миллии тестӣ коҳиш ёбад?



Шаҳриёр ДАВЛАТОВ,
сароянди ҷавони тоҷик

- Аслан, овозхонҳо ба мардум нигоҳ карда, тарона месароянд. Яъне, мебинанд, ки ҳаводоронашон кадом навъи сурудҳояшонро зиёдтар қабул ва пайваста гӯш мекунанд... Ба маънои дигар метавон гуфт, ки қисме аз сурудҳои ошиқии овозхонҳо фармоишӣ ҳастанд.

- Гапатон сад фоиз дуруст. Овозхонҳо аз қафои мардум рафтаву фармоиш иҷро карда истодаанд ва ҳамин аст, ки ба ҷуз чанд савту суруду навои ба қавле "қадима" дигар суруди хубе ба гӯш намерасад.

БАРҚ ҲАМ ГАРОН МЕШАВАД

Тарофаи истифодаи нерӯи барқ барои аҳолии Тоҷикистон, корхонаву ширкатҳо 16 фоиз гарон мешавад. Болоравии нархи истифодаи барқ аз оғози соли 2024 амалӣ мегардад. Нарх аз 26,51 дирами кунунӣ барои 1 киловатт-соат то 30,75 дирам боло меравад. Дар пайи болоравии нархҳо сокинон нигаронанд, ки бо маошу нафақае, ки ҳоло мегиранд, чӣ гуна мушкили рӯзгорро ҳал кунанд?




Дар Қарори Ҳукумати Тоҷикистон №546, ки аз 29-уми ноябри соли 2023 қабул шудааст, тарофаҳои истифодаи нерӯи барқ барои тамоми истифодабарандагон, аз ҷумла сокинон 16 дарсад зиёд мешавад.

Бояд гуфт, ки қимати барқ барои ҳамаи категорияҳои истифодабарандагон, ғайр аз Ширкати “Талко” 1-уми октябри соли 2022 боло бурда шуда буд. То имрӯз аҳолии кишвар барои 1 киловатт-соат нерӯи барқ 26,51 дирам пардохт мекунанд. Аммо аз аввали соли нав тақрибан барои 1 киловатт-соат нерӯи барқ 30 дирам месупоранд.

Гарон шудани нерӯи барқ дар ҳолест, ки имрӯзҳо дар бештари манотиқи кишвар лимити барқ ҷорист. Аҳолӣ дар як рӯз то 8-10 соат барқ мегиранд.

Ба назари соҳибназарон, бало бурдани нархи нерӯи барқ аз ҷиҳати иҷтимоӣ хеле нозук аст. Зеро қисме аз мардум кори доимӣ надоранд ва пули барқро саривақт пардохт карда наметавонанд. Маоши бештари кормандони идораҳои давлатӣ, корхонаҳо кам аст ва зӯрашон ба пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, обу барқ намерасад. Дар баъзе оилаҳо 4-5 фарзанд ҳастанд, аммо ҳамагӣ 1 нафар кор мекунаду бори зиндагиро пеш мебарад. Дар бисёр ҳолатҳо чунин оилаҳо ҳатто қарздор шуда мемонанд.

Борҳо масъулини ширкати “Барқи тоҷик” ҳам дар нишастҳо гуфта буданд, ки қарз аз ҳисоби аҳолӣ барои истифодаи барқ зиёд аст. Яъне, ин бозгӯи он аст, ки мардум дар пардохти хизматрасониҳои иҷтимоӣ бо кам будани маош ба мушкил дучор мешаванд. Магар бо ин болоравӣ мушкили мардум ҳал мешавад ва Ширкати “Барқи тоҷик” аз буҳрони қарз берун мебарояд? Зеро дар “Барқи тоҷик” ҳам ба ин бовароранд, ки мақсад аз вазъи буҳронӣ баровардани ширкат аст.



ТОҶИК ПРЕЗИДЕНТИ ИМА МЕШАВАД?

Дилшод Бурҳонов, ки 42 сол дорад ва зодаи Исфараи Тоҷикистон аст, худро ба сифати номзади мустақил ба президентии Амрико пешбарӣ кардааст.



Ҳарчанд интихоботи президентӣ дар Иёлоти Муттаҳида моҳи ноябри соли 2024 доир мешавад, вале аз ҳоло довталабони зиёде корзори худро сар кардаанд. Аз ҷумла, муҳоҷири тоҷик, ҳуқуқдон Дилшод Бурҳонов тибқи шиори барномаи пешазинтихоботиаш, барои он вориди ин корзор шудааст, ки “Амрикоро ба сӯи боз ҳам беҳтар тағйир диҳад”.

Дар барномаи пешазинтихоботиаш Дилшод Бурҳонов аз байн бурдани монополияҳо ва танзими нархи захираҳои табиӣ ва газро талаб гузошта, ҳамчунин бо мақсади беҳтар кардани пуштибонии молиявии мардум хостори 50% боло бурдани сатҳи ҳадди ақали зист шудааст. Бурҳонов ҳамчунин тарафдори ҳатмӣ гардонидани варзиш барои хонандагони мактабҳо ва таблиғи тарзи солими зиндагӣ дар байни ҷавонон буда, дар айни замон мехоҳад, ки таблиғи ҳамҷинсгароӣ (ЛГБТК+) дар мактабҳо қатъ карда шавад.

Албатта, шонси сабти ном шудани Дилшод Бурҳонов чандон зиёд нест. Пеш аз ҳама ба ин далел, ки тибқи қонун, танҳо он нафаре, ки дар Амрико ба дунё омадааст, метавонад президенти Амрико шавад. Паҳлуи дигари масъала ин аст, ки ҳарчанд ҳар дафъа ба интихоботи президентии Амрико даҳҳо нафар номзадии худро пешбарӣ мекунанд, ба таври суннатӣ муборизаи барои ин мақом байни номзадҳо аз ду ҳизби асосии ҷумҳурихоҳ ва демократ доир мешавад ва маъмулан номзадҳо аз ҳамин ду ҳизб бо навбат президент мешаванд.

Кӯшишҳои мо барои пайдо кардани Дилшод Бурҳонов натиҷа надод. “Тоҷикистон” кӯшиш мекунад, ки дар оянда бо ӯ суҳабте анҷом диҳад. Вале аз ҳамин ҳоло корзори интихоботии ҳамватанамонро ба ишғоли курсиии президентӣ дар ИМА пайгирӣ мекунем.

НБО “ҚАЙРОҚҚУМ”

Дуюмин чархаи он ба кор даромад

Чархаи дуюми НБО “Қайроққум” баъди таҷдидкунӣ дар оғози фасли зимистон бо иқтидори нав ба кор андохта шуд.

Дар ин бора директори НБО “Қайроққум” Файзулло Авезов ба хабарнигорон иттилоъ дод ва афзуд, ки ҳоло ҳаҷми тавлиди барқ дар чархаҳои нерӯгоҳ бештар шудааст.

"Ҳоло аз ҳисоби ин ду агрегат 58 мегават барқ истеҳсол шуда истодааст, ки баробари иқтидори се агрегати қаблӣ аст. Баъди таҷдидкунӣ тавони агрегатҳои дигар низ то ба 29-мегаватӣ баробар хоҳад шуд”,- гуфт Авезов.

То ин замон ин чархаҳои нерӯгоҳ 21-мегаватӣ барқ истеҳсол мекарданд.

Директори НБО “Қайроққум” таъкид намуд, ки таъмири агрегатҳои №6 ва 5 пурра ба охир расида, ба ин тартиб ба таъмири агрегати сеюм, ки №4 аст, шуруъ мекунанд.


Корҳои таҷдидкунии ин нерӯгоҳ дар соли 2020 шуруъ шуд, аммо хурӯҷи ҳамагири COVID - 19 монеъи саривақт ичро шудани он гардид.

Қарор аст то соли 2025 тарҳи бозсозии “Қайроққум” бо харҷи $200 млн ба ичро расонида шавад. Масъулин мегӯянд, ки дар ҷараёни таъмир иқтидори барқрасонии нерӯгоҳ нигоҳ дошта мешавад.

Нерӯгоҳи барқи обии “Қайроққум” дар замони собиқ шӯравӣ сохта шуда, чархаи якуми он бо иқтидори 21 МВт дар таърихи 15-уми декабри соли 1956 ба кор дароварда шудааст.

Ин нерӯгоҳ баъд аз “Норак”, “Роғун”, “Сарбанд” аз шумори манбаъҳои муҳими барқтавлидкунӣ дар Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Он дар канори дарёи Сир ва дар ҳудуди шаҳри Гулистон (собиқ Қайроққум) ҷойгир аст.

НБО “Қайроққум” дар маҷмуъ аз 6 агрегат иборат буда, 64 сол инҷониб бо иқтидори 126 МВт фаъолият дорад. Интизор меравад, ки пас аз таъмир иқтидори нерӯгоҳи мазкур аз 126 МВт ба 176 МВт афзоиш ёбад. Истеҳсоли қуввваи барқи нерӯгоҳ ба ҳисоби миёна то 38% афзоиш меёбад.



АМАЛҲОИ НОМАТЛУБИ КОРРУПСИОНӢ БА РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ ТАЪСИРИ МАНФӢ МЕРАСОНАНД

5-уми декабри соли 2023 дар доираи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Бонки миллии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсия дар соли 2023, таҳти роҳбарии муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад вохӯрии намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон ва инчунин тариқи фосилавӣ бо кормандони шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид.







Нахуст, муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ба кори ҷаласа хусни оғоз бахшида, иброз дошт, ки ҳадафи асосии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ, баланд бардоштани маърифату фарҳанги зиддикоррупсионии шаҳрвандон, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмуъ муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуб мебошад.

Дар идома тазаккур дода шуд, ки тибқи банди 3-и Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №222 аз 3-юми августи соли 2021 ва банди 1-и Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 19-уми ноябри соли 2021 Барномаи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 ба тасвиб расид ва ҳар сол нақшаи чорабиниҳои муқовимат ба коррупсия дар Бонки миллии Тоҷикистон таҳияву тасдиқ мегардад.

“Барнома ва нақшаи чорабиниҳои мазкур маҷмуи тадбирҳои зиддикоррупсионии Бонки миллии Тоҷикистонро дар бар гирифта, дар онҳо самтҳои асосии фаъолияти Бонки миллӣ дар робита ба муқовимат ба коррупсия ва вазифаҳои воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллӣ оид ба иҷрои ҳар як чорабинӣ, муҳлати иҷро ва мақсадҳои гузошташуда ба таври мушаххас муайян шудаанд”,- қайд кард муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода.

Зикр карда шуд, ки дар доираи татбиқи Нақшаи чорабиниҳои муқовимат ба коррупсия дар Бонки миллии Тоҷикистон барои соли 2023 ва ҷиҳати ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни кормандон, ташкилу баргузории як қатор семинару вохӯриҳо бо мутахассисони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи таъсири номатлуби коррупсия дар равандҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва роҳҳои мубориза бо он дар назар дошта шудааст.

Дар моҳи ноябри соли ҷорӣ барои кормандони дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии Бонки миллӣ дар мавзуи “Коррупсия - зуҳуроти номатлуб ва зиёновар” семинари омӯзишӣ гузаронида шуд.

- Имрӯз бошад,- гуфт Фирдавс Толибзода,- ҷиҳати иҷрои самараноки Барнома ва Нақшаи чорабиниҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон сардори Раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники адлия Муқимӣ Нигора Аминзод ва нозири калони Раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии мазкур Асилзода Парвизи Мирзоғайбулло даъват карда шудаанд, ки оид ба муҳимияту зарурати қабул гардидан ва мавриди амал қарор дода шудани Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 маълумоти муфассал манзур менамоянд.

Зимни маърӯзаи худ сардори Раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Нигора Муқимӣ қайд намуд, ки соли 2003 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия қабул гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон 25-уми сентябри соли 2006 ба санади мазкур имзо гузошта, ба узвияти Конвенсияи СММ пазируфта шуд.

Мавсуф иброз дошт, ки бо мақсади муқовимат ба ин зуҳуроти хавфнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардид. Ҳамчунин, то ин давра се санади барномавӣ, аз ҷумла Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012, Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 ва Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул карда шуданд.

Сипас, Нигора Муқимӣ роҷеъ ба мақсаду вазифа ва принсипҳои татбиқ, самтҳои асосӣ ва моҳияту аҳаммияти Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин вазъи содиршавии ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд дар низоми бонкӣ, таҳлили зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия дар соҳаҳои аз нигоҳи коррупсия осебпазир, баланд бардоштани маърифату фарҳанги зиддикоррупсионӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо Агентӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маълумоти муфассалу судманд пешниҳод намуд.

Сардори Раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Нигора Муқимӣ иброз дошт, ки пешгирию бартараф намудани амалҳои коррупсионӣ фақат вазифаи Агентӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Ҳар як шаҳрванди масъулиятшинос ва бонангу номус ухдадор аст, ки ба ин зуҳуроти хатарноку зиёновар муқовимат нишон диҳад ва мубориза барад. Яъне, муқовимат ба коррупсия кори дастаҷамъӣ мебошад.

Дар робита ба ин, дар ҷараёни ҳамоиш махсус қайд карда шуд, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни яке аз суханрониҳояшон хеле хуб таъкид доштанд:

1. Бояд ҳар яки мо худамон намунаи ибрат бошему аз ин амал дурӣ ҷӯем ва баъдан дигаронро ба ин талқин намоем.

2. Барои мубориза бар зидди ин кирдори нангин мавқеи бетарафиро нагирифта, ин вазифаро танҳо бар дӯши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ напартоему чун шаҳрванди ватандӯст бо сохторҳои давлатӣ бештар ҳамкорӣ намуда, дар ҷомеа тафаккури зиддикоррупсиониро ба вуҷуд орем.

3. Ҳатман кореро анҷом диҳем, ки танҳо ва танҳо бо роҳи қонунӣ бошад.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷаласа муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ба намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия барои маълумоти пурмуҳтавою манфиатбахш ва умуман барои ҳамкориҳои судманд ва робитаҳои доимӣ изҳори сипосу миннатдорӣ намуд.

Ёдовар бояд шуд, ки вохӯрии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон бо намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам баргузор мегардад ва мақсад аз он тавсеаи ҳамкориҳои мақоми масъул бо Бонки миллӣ, тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ ва баланд бардоштани маърифату фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар миёни кормандони низоми бонкӣ мебошад.

ФОРУМИ МОЛИЯВӢ

Ҳамкории минтақавӣ ҳамчун омили таҳкими инфросохтори молиявӣ ва дастрасӣ ба бозорҳои сармоя

7-уми декабри соли равон дар меҳмонхонаи “Ҳайят Реҷенси” Форуми дурӯзаи молиявӣ таҳти унвони “Ҳамкории минтақавӣ ҳамчун омили таҳкими инфросохтори молиявӣ ва дастрасӣ ба бозорҳои сармоя” бо иштироки муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир, директори GIZ дар Тоҷикистон хонум Сабине Олтхоф, директори Дафтари Швейтсария, Консули консулгарии Швейтсария дар Тоҷикистон хонум Саломе Штайб, намояндаи доимии БАТР дар Тоҷикистон ҷаноби Холгер Вифел, намояндаи доимии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон ҷаноби Фарух Султонов, менеҷери генералии “Master card” дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷаноби Рафал Трепка, узви Шӯрои директорони MFC, директори генералии “Crystal Georgia” ҷаноби Арчил Бакурадзе, роҳбарони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва масъулини ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ ширкат варзиданд.





Дар маросими ифтитоҳи расмии форуми молиявӣ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ иштирокчиёни форумро хайрамақдам гуфта, ба Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон барои ҳамкории судманд ва ташкили ҳамоиши бошукуҳ изҳори сипос намуд.

Сипас, аз ҷониби муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ дар фазои тантанавӣ ба кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ нишони Аълочии маблағгузории хурд ва Дипломи фахрӣ барои ҷалби сармояи хориҷӣ тақдим карда шуд.

Ҳамзамон, байни IPC GmbH (Олмон) ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон созишномаи ҳамкории васеъ оид ба дастгирии рушди бахши молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуд.

Мавриди ба зикр аст, ки форуми мазкур аз ҷониби Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон бо мусоидат ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ, GIZ (Лоиҳаи рушди фарогирии деҳот/TREGGER) ташкил карда шудаст.

Шуъбаи матбуоти БМТ

▸▸ *Ҳуқуқ*

ПРОКУРАТУРАИ ГЕНЕРАЛӢ
соҳиби бинои нав шуд



Суҳби 13-уми декабр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе бинои нави Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Санги асос барои сохтмони бинои мазкур аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон 13-уми марти соли 2018 ба ифтихори Иди касбии кормандони прокуратураи ҷумҳурӣ ҷиҳати бехтар намудани шароити кории онҳо гузошта шуда буд.

Иншоот дар майдони 864 метри мураббаъ қомат афрохта, аз таҳхона ва 7 ошёна, ки масоҳати умумиашон 6702 метри мураббаъро ташкил медиҳад, иборат мебошад.

Бинои нави иловагии маъмурӣ дорои 93 ҳуҷраи корӣ, 4 толори машварат, ҳуҷраи қабули шаҳрвандон ва ошхона барои 180 ҷой мебошад. Дар таҳхона ҳуҷраҳои техникӣ ва толори машқи бадан ҷойгир карда шудааст.

Дар Марказ 40 нафар кормандони соҳибтахассус фаъолият мекунанд. Онҳо ба ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбии иттилоот оид ба ҷиноятҳои экстремистӣ, террористӣ ва киберҷиноятҳо машғул хоҳанд шуд.

Инчунин Сарвари давлат бинои Маркази миллии идоракунии ҳолатҳои бухронии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифтитоҳ намуд, ки иншоот аз 3 ошёна ва таҳхона иборат мебошад.

Корҳои сохтмонии бинои мазкур 2-юми феврали соли 2021 оғоз гардида, бо ҷалби сармояи хориҷӣ мутобиқ ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ сохта шудааст.



▸▸ *Иншоот*

“ТЕЛЕВИЗИОНИ САФИНА”
Дар бинои нав “Радиои Сафина” фаъолият хоҳад кард



13-уми декабр Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар пойтахти мамлакат бинои нави замонавии Муассисаи давлатии “Телевизиони Сафина”-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Сохтмони иншоот моҳи июли соли гузашта оғоз гардида, корҳои сохтмонӣ, қабл аз ҳама, бо назардошти талаботи соҳавӣ бо ҷалби 200 нафар сохтмончӣ анҷом дода шудаанд.

Намои берунаи иншооти нав бо тарҳ ва шакли муосиру замонавӣ бунёд ва рангу оро ёфта, бинои асосӣ аз 5 ошёна бо таҳхона, инчунин 2 бинои алоҳидаи дигари бо ҳам пайваст дар масоҳати беш аз 8 ҳазору 600 метри мураббаъ иборат аст. Бинои дуюм аз се ошёна бо таҳхона ва бинои сеюм аз ду ошёна бо назардошти таваққуфгоҳ барои нақлиёти хизматӣ бунёд гардидааст.

Ҳамчунин бо қомат афрохтани бинои нав, маъмурияти Муассисаи давлатии “Телевизиони Сафина” ҳадаф доранд дар оянда шабакаи “Радиои Сафина”-ро ифтитоҳ намуда, барои шунавандагон низ барномаҳои ҷолиб ва хабару гузоришҳои дақиқу саривақтӣ пешниҳод намоянд.

Ифтитоҳи бинои нави Муассисаи давлатии “Телевизиони Сафина” саҳми соҳибкорони ватанӣ буда, натиҷаи амалишавии нақшаи чорабиниҳо бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бинои нави Муассисаи давлатии “Телевизиони Сафина” аз ҷониби ширкати ватании “ТГЭМ” бунёд гардида, ба Муассисаи давлатии “Телевизиони Сафина” туҳфа карда шуд.

▸▸ *Навгонӣ*

ДУШАНБЕ-ХУҶАНД
"Сомон Эйр" парвозҳоро миёни ин шаҳрҳо зиёд кард

Ширкати ҳавопаймо и "Сомон Эйр" дар масири Душанбе-Хуҷанд-Душанбе парвозҳои худро афзоиш дод. Ба иттилои масъулини ширкат, парвозҳо аз 16-уми декабр дар ин масир ҳамарӯза анҷом дода хоҳанд шуд.



Тавре хадамоти матбуоти ширкат хабар дод, ин иқдом бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба равуо дар ин самт рӯйи даст гирифта мешавад.

Одатан зиёд кардани парвозҳо дар фасли сармо ба далели зиёд шудани мусофирон сурат мегирад.

Равуо аз тариқи роҳи заминӣ дар фасли зимистон мушкилтар мешаваду мусофирон роҳи ҳавоиро бартар медонанд.

Имрӯз ширкати ҳавопаймоии "Сомон Эйр" парвозҳоро аз Тоҷикистон ба Олмон, АМА, Туркия, Чин, Эрон, Ҳиндустон, Арабистони Саудӣ, Россия, Қазоқистон ва Ӯзбекистон бо муваффақият анҷом медиҳад.

▸▸ *Маориф*



ТАЪСИСИ ДУ ОЗМОИШГОҲ ДАР ДМТ

Дар факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон озмоишгоҳҳои таълимии «Конҳои канданиҳои фоиданок» ва «Гидрогеология, геологияи муҳандисӣ ва глятсиология» таъсис ёфтанд.

Ин озмоишгоҳҳо бо ибтикори ректори донишгоҳ Қобилҷон Хушвахтзода ташкил ёфтаанд.

Гуфта мешавад, ки озмоишгоҳи таълимии «Конҳои канданиҳои фоиданок» дар назди кафедраи геология ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок бо асбобу таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Озмоишгоҳ барои омӯхтани сохти макроскопию микроскопии ҷинсҳои куҳӣ ва маъдани аз конҳои мавҷудаи ҳудуди мамлакат ва берун аз он дарёфтшуда пешбинӣ гардидааст.

Ҳамчунин, ин озмоишгоҳ барои гузаронидани таҳқиқоти геофизикӣ, усулҳои гуногуни омӯзиш ва дастрас намудани конҳои нафту газ ва конденсатҳо нақши муҳим мебозад.

“Дар омӯзишгоҳ инчунин аспирантон, магистрантон ва докторони Ph.D низ метавонанд бо истифода аз асбобу таҷҳизоти муҷаҳҳаз дар ин ҷо корҳои илмии хешро ба сомон расонанд”,- иттилоъ доданд аз ДМТ ба Pressa.tj.

Озмоишгоҳи таълимии «Гидрогеология, геологияи муҳандисӣ ва глятсиология» дар назди кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ бо асбобу таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Дар ин озмоишгоҳ шогирдон аз нозукиҳои илми гидрогеология ва геоло-

▸▸ *Ифтихор*

ХОНАНДАИ ПОЙТАХТ СОҲИБИ ДИПЛОМИ «ASIAN CUP 2023» ШУД



Ҷонибек Неъматов, хонандаи синфи 8-уми Литсейи техникии ДТТ ба номи академик М. С. Осимӣ дар Чемпионати Осиё-2023 (Asian Cup 2023) иштирок намуда, сазовори ҷойи намоён гардид.

Ин мусобиқа санаҳои 17-18-уми ноябр дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир шуда, Ҷонибек Неъматов аз рӯйи барномаи спарринг то вазни 65 кг ба майдон баромад. Ӯ дар ин мусобиқа сазовори ҷойи сеюм гардид.

Инчунин, рӯзҳои 9-10-уми декабри соли равон дар мусобиқаи “Korean Ambassadors Cup Taekwondo” иштирок намуда, соҳиби сертификат шуд. Ин мусобиқа 9-10-уми декабр дар Корея баргузор гардид.

Ҷонибек бо дастоварди варзишии худ номи литсей ва донишгоҳро баланд бардошт.

Рейтинг

ШУМО КАДОМ НАВЪИ ВАО-РО ИНТИХОБ МЕКУНЕД?

Дар Тоҷикистон тадқиқоти нав оид ба муайян кардани афзалиятҳои расонавии сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуд.



Тадқиқоти мазкур пурсиши зиёда аз 2,5 ҳазор аҳолии кишварро пешбинӣ мекунад. Аз натиҷаҳои тадқиқот маълум мешавад, ки сокинони кишвар кадом шабакаҳои телевизиониро мебинанд, кадом радиоҳоро мешунаванд ва кадом рӯзномаю маҷаллаҳоро мехонанд.

Тавре Набӣ Юсупов - директори ташкилоти ҷамъиятии "Машварати расонавӣ" ба "Тоҷикистон" хабар дод, ғайр аз бартариятҳо ба расонаҳои анъанавӣ, ба монанди ТВ, радио, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, тадқиқот инчунин интихоби аҳолӣ дар нисбати шаклҳои нави расонидани иттилоъ тавассути абзорҳои интернетӣ - сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмрасонҳо ва почтаи электрониро низ муайян хоҳад кард.

Ба гуфтаи созмондиҳандагони тадқиқот, тавассути муайян кардани симои корбари фаъоли воситаҳои мухобироти оммавӣ, тадқиқот метавонад якбора ба се ҳадаф ноил шавад.

Якум, аудиторияи истеъмолкунандагон ва сатҳи истифодаи ВАО-ро муайян кунад.

Дувум, ба расонаҳои ватанӣ барои беҳтар сохтани муҳтаво кумак намояд.

Сеюм, ба манбаъҳои ахбор дар муайян кардани воситаҳои муассиртарин барои паҳн кардани маҳсулоти иттилоотӣ, ки мустақиман ба аудиторияи мақсадноки онҳо нигаронида шудаанд, ёрӣ расонад.

Тадқиқоти афзалиятҳои расонавии аҳолии Тоҷикистон бори чаҳорум баргузор мешавад. Н. Юсупов гуфт, ки Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази тадқиқоти сотсиологии "Зеркало" шарикони ташкилоти "Машварати расонавӣ" мебошанд. Дастгирии молиявии ин лоиҳа аз ҷониби Сафорати ИМА дар Тоҷикистон сурат мегирад.

Тавре Набӣ Юсупов қайд кард, тадқиқоти мазкурро бидуни дастгирии Вазорати фарҳанг ва Маркази тадқиқоти сотсиологии "Зеркало" баргузор кардан мушкил буд. "Барои ҷилавгирӣ аз бархӯрди манфиатҳо мо дидаву дониста ба идораҳои дахлдори давлатӣ мурочиат накардем,- мегӯяд Н. Юсупов.- Бинобар ин, аз Вазорати фарҳанги ҶТ сипосгузорем, ки бори чорум барои бо сифати баланд баргузор кардани тадқиқот мусоидат менамояд".

Ба таваҷҷуҳи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЧАРО ТУТУ ТУТИЁН ШУД?

Хеле хуб аст, ки аз ҷойномҳои бегона оҳиста-оҳиста халос шуда истодаем. Номҳои Зарнисору Заркамар, Гулдара, Садбаргҳо, Гулшан ва ғайраҳо маҳаллаҳои моро зеби дигар медиҳанд. Вале баъзан дар номгузорӣ ба ифрот роҳ дода, 20 деҳаю маҳалҳоро такрори ба такрор Ваҳдат, Истиқлол ном мемонему мемонем.

Гӯё ин номҳоро Кумитаи истилоҳоти забони давлатӣ мебинад, вале вокунишҳоро намешунавад. Кумита баъзан ба ноҳияҳо, шаҳрҳо супориш ҳам медодааст, ки барои мисол номи Н. Назаровро гиред, чамоатро Чашмасор номгузорӣ кунед. Ҳол он ки, дар қарибии ин ҷамоат деҳаест бо номи Чашмасорон. Ё чӣ зарурат пеш омад, ки ҷамоати деҳоти Туту ба номи Ш. Шоҳин ва баъд ба номи Тутиён иваз карда шавад? Туту ҳам ҳеҷ бадӣ надошт. Тутиён ҳеҷ маъною таъриху решае ё пайванде ба ин гуна номгузорӣ надорад.

Оё ҳар моҳ, сол иваз кардани номи ҷамоатҳо, кучаҳо ҳатмист? Дар урфият мегӯянд, ки ҳафт бор чен куну як бор бур. Зуд-зуд иваз кардани номҳои ҷуғрофӣ сараввал ба маблағҳои буҷети музофот, ҷамоатҳо латма мезанад. Дигар ин ки, мардум саргаранг шуда мемонанд. Вақти муросилоти мактубу маблағҳо мушкилиҳо рӯи кор меоянд.

Хеле хуб мебуд, ки дар назди Кумитаи забон ва истилоҳот ё Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як Шӯрои ҳамоҳангсозии номгузориҳои ҷуғрофӣ таъсис диҳанд. Он аз олимону мутахассисони варзида иборат бошаду ба аз байн бурдани харачу марач мусоидат намояд.

Нурулло ҲАСАНОВ,
рӯзноманигор



Маориф

БОҒЧА - МАКТАБИ НАХУСТИНИ ЗИНДАГӢ БАРОИ КӮДАКОН

Кӯдакиро даврони беғамиҳо мегӯянд, вале ташаккулёбии шахсияти инсон маҳз аз ҳамин давра оғоз меёбад. Тифлакон зеҳни тез доранд ва ҳар чизе, ки мебинанду мешунаванд, дар майнаашон амиқ ҷо шуда, тамоми умр дар хотираашон нақш мебандад.





Аз ҳамин сабаб, муҳим аст, ки кӯдакон маҳз дар боғчаи бачагона тарбият ёбанд, зеро ҳарчанд волидон дар хона кӯдакро бо меҳру муҳаббати хеш фаро бигиранд ҳам, он чизеро, ки боғча ба кӯдак медиҳад, дода наметавонанд.

Дар боғчаи бачагона кӯдакон натанҳо бо ҳамсолонашон бозӣ карда, вақташонро хуш мегузаронанд, балки сабақаҳои нахустини донишро аз худ намуда, дар бораи бисёр чизҳо маълумот пайдо мекунанд ва ҳамин тавр фаҳмиш ва ҷаҳонбиниашон васеъ шуда, шеваи муносибат бо атрофиён ва рафтори ҷамъиятиро ёд мегиранд.

Боғча барои кӯдакон мактаби нахустини ҳаёт буда, дӯстию рафоқатро ба бачаҳо ёд медиҳад. Дар баробари ин, бо аз худ намудани шеърҳо дар васфи ватан, модар, Тоҷикистон ва дигар мавзуҳои муҳим дар боғча дар қалби кӯдакон донаҳои нахустини эҳсоси баланди ватандорӣ ва ифтихори миллӣ кошта мешавад, ки дар оянда самари нек хоҳанд овард. Аз ин лиҳоз, баргузор намудани чорабинию маҳфилҳои фарҳангӣ дар боғчаҳои бачагона барои кӯдакон хеле муҳим аст.

Бояд гуфт, ки нақши мураббӣ дар ҳаёти кӯдакон хеле бузург аст. Беҳуда нагуфтаанд:

Бе мураббӣ зери гардун
муътабар натвон шудан,
Моҳи навро рафта-рафта
чарх оламгир кард.

Ҳамон гунае, ки кулолгари моҳир аз лой зарфҳои пурнақшу нигори нозук, зебо ва муфид месозад, мураббии хуб низ бо додани тарбияи нек ба тарбиятгирандагон, ташкили бозиҳои омӯзанда ва тез-тез баргузор намудани ҳар хел чорабинию маҳфилҳои шавқовари фарҳангӣ метавонад ба бою ғанӣ гаштани дунёи маънавиии кӯдакон ёрӣ расонад ва барои дар оянда шахсиятҳои намоёни ҷомеа гаштанашон пойдевори устувор гузорад.

Албатта, барои ин пеш аз ҳама худи мураббӣ бояд дониши амиқ дошта бошад, психологияи кӯдаконро хуб донад, бачаҳоро самимона дӯст дорад ва онҳоро ба омӯхтан дилгарму шавқманд карда тавонад.

Мураббии асил ҳатто тариқи бозиҳои гуногун ба кӯдакон бисёр чизҳоро ёд дода метавонад. Бояд гуфт, ки бозиҳои бачагона яке аз воситаҳои беҳтарини тарбияи фикрӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонии атфол ба ҳисоб рафта, ҳисси зебопарастию зебоишиносии бачаҳоро ташакк ул медиҳанд. Бозӣ танҳо як роҳи саргарм намудани кӯдакон набуда, эҳсос, идрок, тафаккур ва хотираи кӯдаконро инкишоф медиҳад. Дар бозӣ ширкат карда, кӯдакон фантазияи худро ба кор мебаранд ва эҷодкорӣ намуда, ба завқ меоянд. Бо истифода аз бозӣ бисёр чизҳоро ба кӯдакон ёд додан мумкин аст.

Масъалаи дигаре, ки мурабbиён бояд ба он диққати махсус диҳанд, забономӯзии кӯдакон мебошад. Тавре дар оғоз гуфтем, бачаҳо табиатан зеҳни тез доранд ва ҳар чизе, ки меомӯзанд, дар лавҳи хотираашон нақш мебандад, бинобар ин, кӯшиш кардан лозим, ки тифлакон ҳанӯз аз боғчаи бачагона забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русӣ ва англисиро омӯзанд, зеро ин ду забон забони гуфтугӯйии байналмилалӣ буда, дар оянда сари ҳар қадам лозим мешаванд.

Хулоса, боғчаи бачагона барои кӯдакон мактаби нахустини ҳаёт ва мураббӣ устоди аввалинест, ки нахустин сабақҳои зиндагиро ёд дода, онҳоро барои ворид гаштан ба ҷомеа тайёр мекунад. Пас, бояд мо, мураббиён ҳамеша барои ташаккули шахсияти кӯдакон талош намуда, дар тарбияи маънавӣ ва зеҳнии тарбиятгирандагонамон хиштҳои устувор гузорем.

Нуридинова
Сафия ҲАСАНОВНА,
мураббии боғчаи бачагонаи №117-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе

Филми “Дов”-и режиссёри маъруфи тоҷик Муҳиддини Музаффар, ки онро муҳаққиқон падидаи ҳунарӣ арзёбӣ мекунанд, баъди сайри 18 кишвари дунё ва 25 ҷашнвораи байналмилалӣ ба Душанбе баргашт. То санаи 17-уми декабр ҳамарӯза алоқамандони синамо метавонанд ин филмро дар кинотеатри “Ватан” тамошо кунанд. Ҳамчунин, Муҳиддини Музаффар барои ду лоиҳаи ҷадиди хеш кастинг баргузор намуд.

Видеои суҳбати мазкурро дар ютюбканали pressa.tj тамошо кунед.



Муҳиддини Музаффар:

СИНАМОГАРОНИ МО БОЯД МУЪҶИЗА ОФАРАНД

“Довфилм”

- Кастингатон чӣ тавр баргузор шуд?

- Барои режиссёр кастинг бисёр марҳилаи муҳим аст. Ҳамин аст, ки баъди кастинг се рӯз ман ба худ намеоям. Тасаввур кунед, дар кастинги мо беш аз 150 нафар иштирок карданд, ин 150 шахсият, 150 тақдир ва 150 истеъдод аст. Бояд ҳамаи инҳоро дар мағзи хеш фурӯ бубарӣ ва 15 нафарро интихоб намоӣ.

- Оё иштирокчиёни кастинг ҳунармандони касбӣ буданд?

- Не, аз соҳаҳои гуногун. Бештар донишҷӯёни соҳаҳои гуногун, рӯзноманигорон, ҳатто агрономҳову савдогарон дар кастинги мо иштирок намудаанд.

- Аз рӯзе, ки кастинг эълон кардед, калимаи киностудияи “Довфилм” пайдо шуд. Ин чӣ ташкилот аст? Идеяи ташкили он аз кучо пайдо шуд?

- Ин киностудияи ғайридавлатиест, ки аз ҷониби як гурӯҳи ҷавонон дар шаҳри Душанбе таъсис дода шуд. Ҳадафаш сохтани филмҳои хуб, кӯшиш кардану талош кардан барои сохтани фазои озоди синамо дар кишвар аст.

- Шумо аз ибтидои фаъолиятатон мехоҳед дар Тоҷикистон фазои синамоӣ бисозед. Яке аз қадамҳои муҳими шумо дар ин самт “Суғдсинамо” буд. Акнун, баъд аз таъсиси “Довфилм” тақдири он чӣ мешавад?

- Ҳадафи мо сохтани филмҳои хуб ва сохтани фазо буд. Дар муддати 8 соли роҳбарии мо “Суғдсинамо” аз сифр оғоз шуда, ба дастовардҳои зиёд ноил гардид. Ба андешаи ман, одам пайваста дар якҷо кор кунад, он қадар хуб нест. Ман аз роҳбарии ин киностудия рафтам, вале ҳамкориро бо он давом медиҳам. Аз фурсати муносиб истифода бурда, ба Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барои дастгирии ҳамаҷониба арзи сипос менамоям.

- Ҳоло тақдири “Суғдсинамо” чӣ мешавад?

- Киностудия ба кори хеш идома медиҳад. Ман ба он хотир ба Душанбе омадам, ки бо муҳити эҷодии пойтахт наздик бошам. Дар бораи таъсиси як киностудияи хусусӣ чанд сол боз фикр мекардам. Замонаш фаро расид. Номи ин киностудия, яъне “Довфилм” аз номи филм аст. Ин пешниҳодро коргардони ҷавон Зарифҷон доданд. Ба гуфтаи он кас, дар таърих бисёр будааст, ки номи филмҳо ба киностудия гузошта шавад. Ин идея барои ман писанд омад ва онро қабул кардам. Умуман филми “Дов” як филми калидӣ дар сарнавишти эҷодии ман аст.

Мактаби Валерий Аҳадов

- “Дов” то имрӯз ба чанд давлат рафт?

- 18 давлат рафт ва ҳанӯз сафарҳояш дар пеш аст. 25 ҷашнвора ва 18 ҷоизаи байналмилалиро соҳиб гашт.

- “Дов” дар эҷодиёти шумо гардиши куллӣ аст. Инро худ чӣ тавр арзёбӣ мекунед?

- Ин таъсири устоди азизам Валерий Аҳадов аст. Ман соли 2009 Донишкадаи санъатро хатм карда будам ва аз ҳамон сол орзу доштам, ки ба ВГИК - Институти олии кинематография дохил шавам. Ягон рӯзе, ягон соате набуд, ки ман дар ин бора фикр накунам, вале шароит набуд. Баъд аз 10 сол, соли 2019 бахт ба рӯям хандид ва ман донишҷӯйи ВГИК шудам.

(Давомаш дар саҳ.9)

▸▸ *Аз забони рақамҳо*

ҶАШНВОРАҲО ВА ҶОИЗАҲОИ ФИЛМИ ҲУНАРИИ “ДОВ”



1. 1-уми апрели соли 2022 филми "Дов" дар аввалин синамоҷоизаи миллии "Тоҷи сомон" ду ҷоизаро соҳиб гашт: "Беҳтарин филм" ва "Беҳтарин нақши мардона - Салоҳиддин Шукуров".

2. 8,10,12-уми октябр нахустнамоиши ҷаҳонии филми "Дов" дар фестивали "Пусан"-и Коряи ҷанубӣ.

3. 17-уми октябр дар ҳамкорӣ бо Сафорати Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустнамоиши филми "Дов" дар толори бузурги Хонаи кинои Москва бо иштироки ВАО-и Русия баргузор гардид.

4. 22-29-уми ноябр нахустнамоиши филми "Дов" дар фестивали байналмилалии Гоа-и Ҳиндустон дар бахши озмунии "Юнеско-Гандӣ".

5. 9-15-уми уми декабр нахустнамоиши филми "Дов" дар фестивали байналмилалии "Келара"-и Ҳиндустон дар бахши ғайриозмунӣ.

6. 15-22-юми декабр нахустнамоиши филми "Дов" дар фестивали байналмилалии Калкуттаи Ҳиндустон дар бахши озмунии "НЕТПАК". Ва гирифтани ҷоизаи "Беҳтарин филм".

7. Аз 27 то 31-уми январи соли 2023 иштироки филми “Дов” дар ҷашнвораи филмҳои давлатҳои аъзои ШОС дар шаҳри Мумбай. Ва гирифтани ҷоизаи “Таваҷҷуҳи ҳакамон”.

8. Аз 5 то 11-уми феврали соли 2023 иштироки филми “Дов” дар 41-умин ҷашнвораи байналмилалии “Фаҷр”-и Эрон.

9. Аз 26-уми май то 1-уми июн иштирок дар 14-умин ҷашнвораи байналмилалии Чебоксария дар шаҳри Чебоксари ва гирифтани ду ҷоиза: “Беҳтарин ансамбли актёрӣ” ва “Таваҷҷуҳи тамошобин”.

10. Дар чорумин ҷашвораи байналмилалии “Западные ворота”-и шаҳри Пскови Русия (7-9-уми июли соли 2023) гирифтани ҷоизаи хосаи “Таваҷҷуҳи ҳакамон”.

11. Дар чорумин ҷашвораи байналмилалии “Лендок”-и Санк-Петербург соҳиби ҷоизаи “Беҳтарин филмнома” гардид.

12. Дар 16-умин ҷашнвораи байналмилалии “Ғарб ва Шарқ”-и Оренбург ҷоизаҳои “Беҳтарин филм” ва “Беҳтарин нақши мардона” (Актёрский дует)-ро соҳиб гардидааст.

13. Иштирок дар ҷашнвораи байналмилалии “Варна”-Болгария (аз 25-уми август то 3-юми сентябри соли 2023, ғайриозмунӣ).

14. Иштирок дар ҷашнвораи байналмилалии “Пасай”-и Филиппин (аз 4 то 13-уми августи соли 2023, ғайриозмунӣ).

15. Дар нуздаҳумин ҷашнвораи байналмилалии Қазон (5-9-уми сентябри соли 2023) “Мусулманский кино” ҷоизаи “Беҳтарин филмнома”-ро соҳиб гашт.

16. Иштирок дар аввалин ҷашнвораи байналмилалии Душанбе “Тоҷи сомон” (15-19-уми октябри соли 2023) ва гирифтани ҷоизаи “Беҳтарин нақши мардона” (Актёрский дуэт).

17. Иштирок дар 15-умин ҷашнвораи байналмилалии “Марворидҳои дурдонаи шарқ” дар шаҳри Тошкент ва гирифтани ҷоизаи “Ҳайати директорони ҷашнвора”.

18. Ҳафтумин ҷашнвораи байналмилалии “Пули авруосиё”-и Ялтаи Русия санаи 2-юми октябри соли 2023 бо филми ҳунарии “Дов” кушода шуд. Яъне филми ҳунарии “Дов” филми кушодашавии ин ҷашнвораи бонуфуз буд.

19. Иштирок дар 11-умин ҷашнвораи Осиёии Барселонаи Испания (аз 25-уми октябр то 5-уми ноябри соли 2023, ғайриозмунӣ).

20. Дар ҷашнвораи байналмилалии “Премео Феликс”-и Милани Италия соҳиби Дипломи хоса шуд: “Барои ҳақиқати равшане, ки онро ҳам коргардон ва ҳам қаҳрамонони асосӣ ба бинанда сидқан нишон додаанд” (аз 18 то 23-юми ноябри соли 2023).

21. Дар панҷумин ҷашнвораи байналмилалии "Московская примеера"-и шаҳри Маскави Русия (аз 25 то 29-уми ноябри соли 2023) сазовори ҷоизаи "Беҳтарин коргардон" гардид.

ЯК САҲИФАИ СОЛИ 1937





Дар бораи солҳои махуфи 1937-1938 дар сарнавишти мардуми собиқ шӯравӣ ва тоҷик, бахусус рӯшанфикрони тоҷик, ҳарчанд бисёр навишта шудааст, аммо он ҳанӯз ба як тадқиқи ҷиддии беғаразона ва ошкорои илмӣ ниёз дорад. Ҳанӯз дари бойгониҳои ҳизбӣ ва мақомоти қудратӣ барои дақиқ ва ба беғараз мавриди баррасӣ қарор додани омилу сабабгорони воқеии террори он солҳо боз нашудаанд.

Аммо ба ин ҳама нигоҳ накарда, то ҳоло корҳое дар ин мавзуъ анҷом дода шудааст. Чӣ аз тарафи таърихнигорону сиёсиюн ва чӣ адибону пажӯҳишгарони таърихи адабиёт мақолаву гузоришҳои зиёд чоп гардид, ёддошту хотирот ва ҳуҷҷату далоили бисёре манзури хонандагон карда шуд. Дар ин ҷараён номаҳои адибон низ аз ҳуҷҷатҳои муҳим ба шумор меояд, зеро маҳз онҳо аз ҳолу ҳавои он даврон, на танҳо маълумоти дақиқ медиҳанд, балки аз тазйиқи гарони рухию равонии муаллифонашон низ гувоҳ мебошанд. Дар ин маврид дар бораи устод Айнӣ ва сарнавишти талху риққатбори ӯ бисёр навишта шудааст. Аммо, дар ҳар маврид, агар дар ин мавзуъ чизи тозае, ки ба даст ояд, албатта, барои равшан кардани ҷузъиёти он айём кумак хоҳад намуд, балки баъзе фикру андешаҳоро дақиқ ва тасаввуроти нодурусту тахминиро ислоҳ хоҳад кард.

Инак, як номаи устод Айниро, ки дар ду гуна (вариант) ба даст овардем, манзури хонандагони муҳтарам менамоем. Пешопеш мегӯем, ки ин номаҳо бо ду хуруф (бо хуруфи форсӣ, ки дастхати худи устод аст ва хуруфи кириллӣ, ки чопи мошинканависшуда мебошад) мавҷуданд ва ҳар ду гуна каму беш аз ҳам фарқ мекунанд. Умед аст, ки хонандагони муҳтарам дар муқоисаи ин ду гуна, ки пешниҳодашон мешавад, тафовутҳоро тамйиз дода, сабаби такмилу тасҳеҳҳои воридомадаро пай мебаранд. Сабаби асосӣ, ба фикри мо, ин аст, ки гунаи кириллӣ, ки бояд ба дасти Протопопов, сарвари Ҳизби коммунисти Тоҷикистон мерасид, ба далелҳои тоза такмил шуда, сабкаш ҳам як андоза тасҳеҳ шудааст.

Ҳамин тавр, чунон ки зикр гардид, нома ба сарвари аввали Тоҷикистон Протопопов навишта шудааст ва аз ҳамин ҷо ҳам муҳим будани он фаҳмост. Дар он масъалаҳо дар иртибот ба зиндагиву сарнавишт ва кору эҷоди минбаъдаи Айнӣ дар Тоҷикистон ба миён гузошта мешавад. Аввалан, маълум мешавад, ки агарчанде то охири соли 1937 масъалаи бегуноҳии устод дар Ӯзбекистон ҳал шуда буд, вале дар доираҳои расмии Тоҷикистон ин масъала мубҳаму номуайяниҳо доштааст. Бинобар ин, дар Тоҷикистон бо супориши баъзе шахсони расмӣ, ҳатто ғайрирасмӣ, масалан, муҳаррири рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» Шарипов, гӯиё бо такя ба дастури боло мақолаи супоришии зоҳиран сиёсии устод дар бораи қарори ҳизб оид ба аснавсозии ташкилотҳои адабию бадеии соли 1932 аз чоп бозмедошта мешавад. Ҳамчунин чопи асарҳои вай ва ҳам дар хрестоматияҳо ҷой додани онҳо бо сабабҳои ғайрирасмӣ мамнуъ шуда будааст. Маълум мешавад, ки Нашриёти давлатии Тоҷикистон Айниро барои дар муддати таъиншуда ичро накардани таълифи «Луғат» (шояд ҳамон «Луғати нимтафсилии забони тоҷикӣ»-ст) ба маҳкама кашидааст. Устод Айнӣ маҷбур мешавад, ки сабаби ин ҳама бадбинӣ ва муносибати сардро ба худаш ба саркори ҳизби чумҳурӣ шарҳ диҳад. Бисёр муҳим аст, ки устод сабабҳои чӣ дар Ӯзбекистон ва чӣ дар Тоҷикистон бо номи «душмани халқ» бадном карда шуданашро низ тавзеҳ медиҳад, ки дар ин маврид ба тахмину душманчӯиҳои беасоси баъзе бародарон ҷой наметонад. Дар маҷмуъ, номаҳо барои рӯшан кардану дақиқ намудани як саҳифаи зиндагӣ ва чанд масъалаву мушкилоти рӯзгори устод кумак хоҳанд намуд.

Инак, мо бо тартиб, аввал номаи устод Садриддин Айнӣ ва баъд гунаи таҳрирхӯрдаи онро манзури хонандагон мегардонем.

Абдухолиқи НАБАВӢ

МУҲТАРАМ РАФИҚ ПРОТОПОПОВ!

Дар моҳи марти ҳамин сол яке аз коркунони журнали «Шарқи сурх» ба ман барои журноли мазкур мақола фармуд. Ман дар мавзӯи қарори таърихии соли 1932 дар бораи санъат ва адабиёт бароварди СеКа ВКП(б) мақола навишта фиристодам.

Аммо дар ҳамин рӯзҳо он коркуни журнол ба ман навишт, ки ба дарҷ кардани он мақола муҳаррири газетаи «Тоҷикистони сурх» рафиқ Шарипуф, ки айни замон муҳаррири журноли «Шарқи сурх» ҳам ӯст, ба дарҷ кардани мақола рухсат надодааст ва ба ин сабаб нишон додааст, ки гӯиё як нафар аз коркунони СеКа ба вай гуфта бошад, ки дарҷ накун.

Инчунин, аз яке коркунони нашриёт шунидам, ки нашриёт ҳам чоп кардани асарҳои маро ва ба Хрестоматияҳо даровардани порчаҳои асарҳои маро ба кадом сабаби номаълум аз чоп нигоҳ дошта истода будааст.

Ба ҳамин муносибат бояд инро ҳам арз кунам, ки дар 29-ми ноябри соли 1937 дар нумраи 274 (2770)-и газетаи «Тоҷикистони сурх» бо имзои Очилдиев ва Ҷалилов як мақола баромада буд. Мавзӯи асосии мақола тарҷима ва таҳрири Конститутияи РСС Тоҷикистон буд, ки ба ман ҳеҷ дахл надошт. Бо вуҷуди ин нависандаи мақола дар як ҷои мақолааш бе ҳеҷ асос ва бе ҳеҷ муносибат маро «миллатчии буржуазӣ» гуфта навишта буд.

Ин масъала ҳам то ба ҳол яктарафа нашуда истодааст. Ман гумон мекунам аҷаб нест, ки дар хусуси бо роҳҳои номаълум нигоҳ дошта истодани чопи асарҳои ман ҳамин масъала ҳам дахлдор бошад.

Албатта, чоп шудан ё чоп нашудани як мақола на барои ман ва на барои дигарон аҳаммият надорад, аммо аз он ҷо ки ба чоп накардани он як навъ дар бадномӣ нигаҳ доштани маро мехоҳанд, масъала аҳаммият пайдо мекунад.

Ман ба воситаи шахси Шумо аз СеКа-и Тоҷикистон илтимос мекунам, ки бо ягон таълимот масъалаи маро муайян мекардед, сабаби хотирҷамъона давом кардани ман ба кор мегардид.

Боз як масъалаи дигар: бояд ба ишорати Шумо бошад, ки ТоҷГиз кори судии дар ҳаққи ман кушодаашро хобонд ва кори луғатро давом кунонида, то сари июли 1938 тамом карданамро ба ман фармуд. Ман кӯшиш карда истодаам, ки то муҳлати мазкур корро тамом кунам. Аммо ТоҷГиз 4274-11 суми маро, ки бо ҳисобии 14-и майи соли 1937 аз ман, аз ваҷҳи корҳои дигари ман қарздор мондааст, намефиристонад. Ман маҷбурам, ки танҳо бо пенсия зиндагонӣ кунам, ба болои хароҷоти рӯзгор, хароҷоти мошин ҳам ҳаст.

Агар кори ман, чунонки дар Ӯзбакистон шуд, дар Тоҷикистон ҳам яктарафа мешуд, ТоҷГиз ҳам ба ман ингуна муомила намекард.

Барои маълумот як нусха аз копияи қарори Узголовлит ва як нусха ҳам аз газетаи «Ленин йули», ки нодуруст будани чизҳои дар ҳаққи ман навиштаашро бо мақолаи редаксионӣ эълон кард, ҳамроҳи ин хат фиристодам.

Бо салом ва эҳтиром: Айнӣ (Сана надорад).

Нусхаи дувуми нома:

МУҲТАРАМ РАФИҚ ПРОТОПОПОВ!

Дар моҳи марти ҳамин сол як нафар аз коркунони журнали «Шарқи сурх», ки дар Сталинобод нашр мешавад, ба ман хат карда, барои журнали мазкур ягон мақола навиштанамро хоҳиш кард. Ман дар мавзӯи қарори таърихие, ки ЦК КПСС соли 1932 феврал дар бораи санъат ва адабиёт бароварда буд, мақола навишта фиристодам.

Аммо дар ҳамин рӯзҳо он коркуни журнал ба ман навишт, ки ба дарҷ кардани он мақола муҳаррири газетаи «Тоҷикистони сурх» рафиқ Шарипов, ки айни замон муҳаррири журнали мазкур ҳам ӯст, рухсат надодааст ва ба ин сабаб карда ҳаминро нишон додааст, ки гӯиё яке аз коркунони ЦК-и Тоҷикистон ба вай гуфта бошад, ки дарҷ накун.

Инчунин аз яке коркунони нашриёт шунидам, ки ТоҷГиз баъд аз ба чоп тайёр кардани асарҳои ман ва ба Хрестоматияҳо даровардани порчаҳои асарҳои ман ба кадом сабаби номаълум, дубора онҳоро аз чоп нигоҳ доштааст.

Ба ҳамин муносибат мехоҳам ҳаминро ҳам арз кунам, ки 29-ми ноябри соли 1937 дар шумори 274 (2770)-и газетаи «Тоҷикистони сурх» (дар ҳамон рӯзҳо дар газетаи «Коммунист Таджикистана» ҳам) бо имзои Очилдиев ва Ҷалилов як мақола баромада буд. Мавзӯи асосии мақола тарҷима ва таҳрири Конститутияи РСС Тоҷикистон буд, ки ба ман ҳеҷ дахл надошт. Бо вуҷуди ин нависандаи мақола дар як ҷои мақолааш бе ҳеҷ асос ва бе ҳеҷ муносибат маро «миллатчии буржуазӣ» гуфта ном бурда буд.

Ин масъала ҳам то ба ҳол яктарафа нашудааст. Ман гумон мекунам аҷаб нест, ки дар хусуси бо роҳҳои номаълум нигоҳ дошта истодани чопи асарҳоям ва ба надаровардани мақолаам дар журнал, ҳамин масъала ҳам дахлдор бошад.

Албатта, чоп шудан ё чоп нашудани як мақола на барои ман ва на барои дигарон аҳаммият надорад ва аммо аз он ҷо, ки ба чоп накардани он як навъ бӯйи маро беобрӯ кардан ва дар бадномӣ нигаҳдоштан ҳаст, масъала аҳаммият пайдо мекунад.

Ман ба воситаи шахси Шумо аз ЦК-и Тоҷикистон илтимос мекардам, ки бо ягон таълимот масъалаи ман муайян ва яктарафа карда мешуд, сабаби хотирҷамъона ба кори адабӣ давом кардани ман мегардид.

Боз як масъалаи дигар ҳаст, ки он ҳам ба масъалаи дар боло гуфташуда бедахл нест.

Шояд ба ишорати Шумо бошад, ки ТоҷГиз кори судии дар ҳаққи ман кушодаашро хобонд. Договорро дубора ба амал дароварда, ба ман фармуд, ки то сари ҳамин сол кори луғатро тамом кунам. Ман ҳамаи корҳои дигарамро хобонда ба болои ҳамин кори ТоҷГиз кор карда истодаам ва умедворам, ки то сари муҳлат тамом кунам.

Аммо ТоҷГиз 4274-11 суми маро, ки бо ҳисобии 14-и майи соли 1937 аз ман, аз ваҷҳи корҳои дигарам қарздор мондааст, намефиристад. Ман маҷбурам, ки танҳо бо пенсия зиндагонӣ кунам, ба болои хароҷоти рӯзгор, хароҷоти мошин ҳам ҳаст, ки хеле вазнин аст.

Агар кори ман, чунонки дар Узбекистон шуд, дар Тоҷикистон ҳам яктарафа мешуд, ТоҷГиз ҳам ба ман ингуна муомила намекард ва бо додани ҳаққи корам маро дар сахтӣ нигоҳ намедошт.

Барои як нусха маълумот аз копияи қарори Узголовлит ва як нусха аз газетаи «Ленин йули», ки дар соли гузашта, ҳуҷум ба манро редактори собиқи ӯ - душмани фошшудаи халқ - Закӣ Сатторов дар ҳамин газета ташкил карда буд ва ҳоло ин газета дар ҳамин номерааш нодуруст будани он ҳуҷумҳои ба ман кардаашро дар як мақолаи редаксионӣ эълон кардаст, бо ин мактуб фиристодам.

Бо салом ва эҳтиром: Айнӣ.
29-ми ноябри соли 1937.

Таҳияи
Абдухолиқ Набавӣ



ҲАЙФИ ДӮСТОНИ ҶОНӢ

Ёди Амиршо Миралиев

Соли кас агар ба баландиҳои баланд расад, барояш ҳам хушӣ ва ҳам нохушӣ. Хушӣ аз он ки дар давоми солҳои умр соҳиби ҳама чӣ: обрӯю эътибор, фарзандони баркамол, набераю абераҳо мешавӣ ва нохушӣ ҳам ки пеши кас баъзе дӯстон, наздикон, ҷигарбандон аз олам мегузаранд, аз онҳо мемонӣ. Ҳар яке куҳи ғам.

Ҳамин рӯзҳо бароям боз куҳи ғам, боз нештаре ба дил пурсӯзугудозтар. Хабари нохушро, аввал писарам Парвиз дар шаҳр шунида, дар ҳарос, ки онро чӣ навъ ба падар расонад. Ба завҷаам гуфта, ки илоче ёбаду тарзе ба банда гӯяд, осонтар гузарад. Баъди занги Парвиз ранги рӯи ӯ канд, аз гап монд. Лаҳзаҳо хомӯшӣ, сукут. Ниҳоят вай ба забон омад:

- Медонед чӣ гап шуда?,- ба банда рӯй оварди.

- Чӣ гап?,- хавосам парешон гашт.

- Тоқат кунед, тоб биёред,- гӯё маро насиҳат кард.

- Гӯй охир, ғам нате,- овозам баланд.

- Як дӯстатон,- забон мехоид.

- Кадом дӯстам, ягон воқеа?,- тоқатам намонд.

- Амиршо Миралиев...,- бо азоб ин ҳарфҳо ба забонаш омаданд.

Олам ба назарам торик, чӣ хабаре? Беҳолу бемадор, қарибе меафтодам, такя ба девор додам. Солҳои сол, аз ҷавонӣ, аз даврaҳои комсомолӣ мо бо ҳам дӯсту бародар, ошно.

Чӣ сабабу чӣ боисе, буд, ки мо ҳамдигарро шинохтем. Вай арбоби намоёни давлатӣ, сиёсӣ, дар вазифаҳои баланди ҳукумат, банда як аҳли қалам... Бо ҳам мо хешу табор ҳам не, аз ҳам дур. Амиршо аз ноҳияи Данғара, ман аз як деҳаи ҷамоати деҳоти Роҳатӣ.

Сабаби шиносоӣ ва ошноиам бо Амиршо ба худам маълум. Ба сари банда як воқеаи нохуш омад. Дар рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон", ҳоло "Ҷавонони Тоҷикистон", кор мекардам. Аз деҳа ба рӯзнома омада будам. Олудаи урфу одат, анъанаҳои гузаштаи аҳли деҳа, ки бо онҳо зиста, калон шудаам. Рӯзҳои аввали ба рӯзнома омадан тӯпӣ пӯшида мегаштам, тӯпии гулдор, захми сӯзани модарам, мӯйсар намемондам, галстук намебастам, намоз мехондам, зикри Худою Расул, ки дар замони шӯравӣ гуноҳ. Бо ҳамкорон якчоя ба хӯрокхӯрӣ намерафтам, нони ҳалол гуфта, аз хона нону кулча оварда, чой менӯшидам, аз нӯшокиҳо парҳез, қатрае ба даҳон намебурдам, боз ба ҳамкорон мефармудам, ки нанӯшанд, мусулмон шаванд. Дар назарҳо шубҳаовар менамудам, бар замми ин банда фарзанди мулло, ба гуфтаи он давр унсури бегона.

Дар Кумитаи марказии Комсомоли ҷумҳурӣ аз хусуси ман хеле гап шуда. Айби газета, ки ба минбари идеологӣ чунин фарде ба кор омада. Гӯё кадом як равияи зарароварро тарғиб мекардам. Аз ин хабар котиби дуюми Кумитаи марказии Комсомол, марди ғайри тоҷик бештар дар ташвиш ва дар ғазаб ҳам.

Маро ба ҳучраи сармуҳаррир хонданд, ҷавоне ҳамроҳаш, ӯ вайро ба ман шиносонд, намоянда аз комсомоли ҷумҳурӣ, мудири шуъба, Амиршо Миралиев. Ману Амиршо Миралиев бо ҳам суҳбат мекардем. Ӯ хабару мақола, ҳикояҳои маро аз газета хонда будааст, мазмуни "Гӯшвора" ном ҳикояамро нақл кард. Ба мисли мухлис, ихлосмандам. Аз рӯи мизи сармуҳаррир коғазеро гирифт, фармони аз кор рафтани ман, онро хонд. Гуфт, ки вай ба фармон розӣ нест, ман бояд дар газета кор мекардаам, боз гуфт, ки мудири шуъба мешудаам. Пас аз суҳбати тӯлонӣ аз ман як хоҳиш намуд: "Дигар тӯпӣ напӯшам, ба мисли ҳамроҳон шавам".

- Маъқул?,- пурсид.

- Маъқул,- суханашро ба забон овардам.

- Даст те,- аз ҷой бархост.- Мою ту ҷӯра, ошно.

Мо дасти ҳамдигарро фишурдем. Амиршо Миралиевро ҳамроҳи сармуҳаррир гуселондем.

Ана аз ҳамон рӯзи "Мо бо ҳам ҷӯра, ошно" гуфта, дасти ҳамдигарро фишурдани ману Амиршо қариб ним аср мегузарад, аз ҳоли ҳамдигар мо огоҳ, бо ҳам дӯст ва бародар. Агар ӯ намебуд, аз газета мерафтам, ба номи нависандагӣ, ба унвони Нависандаи халқии Тоҷикистон намерасидам.

Имрӯз чоршанбеи 6-уми декабр, соли 2023, рӯзи фавти бародар Амиршо Миралиев. Ба бахташ рӯзи гарму нарм, аз тамоми ҷумҳурӣ барои видоъ омадаанд, як майдони васеъ аз одамон пур, мавриди ҷаноза. Майит дар пешгоҳ, дар рӯи замин, болояш бо як қабат сон пӯшида, дар лаҳзаҳои ба хок рафтан. Дар зиндагӣ қасру кушк, хонаю дари боҳашаммат, тарабхона, марказҳои савдо, молу ҳоли дунё нагуфт, ки дар рӯзҳои мо ин гуна вазифадорҳо каманд.

Умре дар шаҳр мезист, Худо дар дилаш андохту дар охир зодгоҳ, хонаи падарӣ, гӯристони гузаштагон гуфт. Бо чашмони пури оби дида, дилу ҷигари бирён аз паси тобуташ қадам мемондам, бегоҳи ҷумъа ба хок меравад. Фаромӯшаш намекунам. Хайр, хайр, бародари азиз, Амиршоҳ, бо ӯ падруд мегӯям. Хайр!

Кароматуллоҳи МИРЗО,
Нависандаи халқии Тоҷикистон

СИНАМОГАРОНИ МО БОЯД МУЪҶИЗА ОФАРАНД

(Аввалаш дар саҳ.7)

Вақти рафтан устод Валерий Аҳадов гуфтанд, ки ту аллакай коргардонӣ, барои ту ВГИК чӣ лозим? Ман гуфтам, ки барои ман назарияи синамо муҳим аст. Муҳити касбии Русия, муҳити киносутидияҳое, ки бо стандартҳои ҷаҳонӣ кор мекунанд ва монанди инро омӯхтан мехоҳам. Ҳамин тавр ҳам шуд. Дар он ҷо бештар тамаркузам ба назария буд. Бо устод Валерий Аҳадов шабу рӯз суҳбат мекардем. Ҳамин аст, ки ман ба синамо бо диди нав менигаристагӣ шудам.

Муъҷиза вақте мешавад, ки...

- Оё интизориҳои шумо аз филми "Дов" бароварда шуд?

- Бале. Ин филме аст, ки мо исбот кардем, ки метавонем синамои касбиро бисозем. Дар фазои Русия мутахассисон бовар карданд, ки Тоҷикистон низ метавонад филмҳои хубро ба навор бигирад. Ман намегӯям, ки пеш аз "Дов" набуд, буд албатта. Вале бори аввал аст, ки як филми тоҷикӣ дар 7 ҷашнвораи Русия иштирок кард. Ҷашнвораи аз ҳама бузург - "Ялта" бо филми "Дов" кушода шуд. Барои ман ин чиз афсона аст. Ин эътирофи синамои тоҷик мебошад. Дар бораи ин филм дар Русия, Қазоқистон, Ҳиндустон, Ню Йорк, Аврупо, Корея мақолаҳо чоп шуд.

- Вале ба ёдам ҳаст, ки дар оғоз "Дов" дар Тоҷикистон тамошобини зиёд надошт...

- Бале. Дар оғоз хело нигаронкунанда буд, вале баъдан ба он таваҷҷуҳ шуд. Ба туфайли ҷашнвораи "Тоҷи сомон" ҳукумати кишвар низ ба ин филм таваҷҷуҳ намуд. Мактубҳо навишта шуд, филм дар чандин ҷо намоиш дода шуд. Рӯзе бо соҳибкоре дар мавриди қадр накардани филм аз ҷониби тамошобин суҳбат доштам. Ӯ чумлаи аҷибе гуфт, ки бисёр писандам омад. Гуфт: "Коргардонҳо бояд муъҷиза офаранд". Мо бо як филм наметавонем номдор шавему муъҷиза офарем. Вале муъҷиза офаридани мо ба тамошобин низ вобаста аст. Ҳар фарди тоҷик бояд дар барномаи зиндагиаш ҳафтае як бор, ё моҳе як бор тамошои филмҳоро ворид созад. Бо аҳли хонавода ба тамошои филмҳо оянд.

- Имрӯз, шукри Худо, вазъи зиндагии мардуми мо хуб аст, махсусан, дар пойтахти кишвар. Супермаркетҳову тарабхонаҳо пур-пури одам, вале чаро рафтан ба синамову театр расм нест?

- Афсӯс, ки дар солҳои 90-ум ин анъана аз барномаи зиндагии мардуми мо берун рафт. Барои муҳити синамоӣ ё театрӣ сохтан бояд даҳсолаҳо талош кард. Ин корест, ки бояд дар партаи мактабӣ ба мо омӯзонида шавад.

- Вале чанд сол қабл Вазорати маорифи кишвар бурдани мактаббачагонро ба театрҳо ва намоиши филмҳо манъ карда буд, зеро волидайн аз он ки фарзандонашон ба театр мераванд, норозигӣ карда буданд.

- Вале Вазорат мактабҳоро аз тамошои филмҳои кӯчагӣ манъ кардааст. Мо вақте корро оғоз кардем, ба ҳамаи вазоратҳо мактуб омода карда, ҳамроҳаш дар як флешдиски 32 Гб тамоми корҳоямонро ҳам ирсол намудем. Бубинед, таваҷҷуҳи шуморо ба як нукта ҷалб мекунам. Дар Қазоқистон ҳамасола бозори филм баргузор мегардад. Имсол ман аз Тоҷикистон рафта, филми "Дов"-ро ба фурӯш гузоштам. Дар ин бозор ман таваҷҷуҳ кардам, ки солҳои охир бештар аз ҳаёти варзишгарон филм гирифта мешавад. Магар мо наметавонем аз ҳаёти Дилшод Назаров филм ба навор гирем? Инро ба назар гирифта, ба раиси Кумитаи ҷавонон ва варзиш мактуб равон кардем. Бубинед, вақте мо ҷавононро барои хизмати ҳарбӣ даъват мекунем, вале чаро филмҳои ватандӯстӣ наофарем? Чаро аз ҳаёти сарбозон филм ба навор нагирем? Ё аз ҳаёти табибон. Ман инҳоро ба назар гирифта, ба идораҳои дахлдор мактуб фиристодам.

- Оё то ҳол ба мактубҳоятон ҷавоб омад?

- Не ҳоло, интизорем.

"Моҳӣ дар шаст"

- Муҳиддин, ҳозир шумо кистудияи шахсии худро фаъол кардед. Аз киҳо ва аз кучо умедвор ҳастед, ки шуморо сарпарастӣ мекунанд?

- Аввалаш аз Худованди бузург умед дорам. Ягон меҳнат бесамар наметавонад. Баъдан, боз ҳам кӯшиш мекунем, мисли пешина. Замонаш фаро расидааст, ки синамои тоҷик рушд кунад. Мо ҳозир ду лоиҳа дорем ва баргузории кастинг ҳам ба ҳамин хотир буд. Якуним сол аст, ки болои ин лоиҳа кор кардем. Номи он "Моҳӣ дар шаст" аст. Продюссери ин лоҳа аз "Мосфилм"-и Москва Дмитрий Пиркулов аст. Ҳамчунин, мо бо "И филм"-и Эрон низ ҳамкорӣ мекунем.

- Сабти ин филмро кай оғоз мекунед?

- Моҳҳои апрел ва май.

- Ман барои шумо барор мехоҳам.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР

ФУТБОЛ

ОМОДАГИИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН ОХИРИ ҲАФТА ШУРУЪ МЕШАВАД

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон нақшаи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2023-ро, ки аз 12-уми январ то 10-уми феврал дар Қатар баргузор мешавад, тарҳрезӣ кардааст.

Мувофиқи он дастаи мунтахаби Тоҷикистон таҳти роҳбарии Петар Шегрт 16-уми декабр омодагиҳоро ба Ҷоми Осиё-2023 оғоз мекунад. Нахустин ҷамъомади тамринӣ аз 16 то 27-уми декабр дар Дубай баргузор мешавад. Сипас, даста аз 28-уми декабр то 7-уми январ ҷамъомади дуюми тамриниро дар Абу-Забӣ мегузаронад ва 8-уми январ ба Қатар меравад.

Дар Ҷоми Осиё-2023 дар Доҳа дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар гурӯҳи «А» бо дастаҳои Қатар, Лубнон ва Чин бозӣ мекунад. Бозии якуми Тоҷикистон дар Ҷоми Осиё 13-уми январ бо дастаи Чин дар назар аст. 17-уми январ дар даври дуюм дастаи Петар Шегрт бо мизбони Ҷоми Осиё-2023 - дастаи Қатар вомехӯрад. Дар даври сеюм футболбозони тоҷик 22-юми январ бо Лубнон қувва меозмоянд.

Аз ҳар гурӯҳ ду даста ва иҷунин чор дастаи беҳтарини ҷойҳои сеюм ба даври ҳаштякниҳоии Ҷоми Осиё-2023 роҳ меёбанд.



ММА

ФАРИДУН ОДИЛОВ 24-УМИ ДЕКАБР ДАР МАСКАВ НАБАРД МЕКУНАД

Размикори тоҷик Фаридун Одилов ба набарди муҳорибаҳои омехта ACA (Absolute Championship Akhmat) 168, ки 24-уми декабр дар толори «ССКА Арена»-и шаҳри Маскав доир мегардад, омодагӣ мебинад. Дар ин бора шабакаи «Варзиш» хабар медиҳад.

Ин размикори 31-сола дар яке аз набардҳои асосӣ дар вазни 93,4 кг бо рақибаш Михаил Мохнаткин аз Русия барои камарбанди қаҳрамонӣ мубориза хоҳад бурд.

Фаридун Одилов аз соли 2016 дар мусобиқоти ҳирфаӣ ҳунарнамоӣ мекунад. Ӯ дар 21 рақобат дар 17-тоаш пирӯз шуда, дутоашро мусовӣ кардааст ва дар ду қувваозмоӣ шикаст хӯрдааст. Рақибаш Михаил Мохнаткини 23-сола бошад, дар 19 набард 15



пирӯзӣ, ду мусовӣ ва ду бохт дорад.

Фаридун Одилов соли 2021 дар сабқати ММА бар варзишгари русиягӣ Сергей Калинин ғолиб омада, соҳиби камарбанди қаҳрамони Лигаи EFC (Extreme Fighting Championship)-33 дар вазни миёна гардида буд. Рақобат дар даври чорум пас аз иҷрои усули бӯғикунӣ аз ҷониби размикори тоҷик ба поён расид.

Ӯ дар Чемпионати Осиё, ки соли 2017 дар шаҳри Тошканд баргузор шуд, дар сабқати самбои размӣ дар вазни то 90 кило медали нуқра ба даст овардааст. Ҷоизадори биринҷии Бозиҳои осиёӣ дар иншооти пӯшида ва ҳунарҳои размӣ дар соли 2017, ҷоизадори нуқраи Чемпионати Осиё дар риштаи самбои размӣ дар ҳамон сол, инҷунин қаҳрамони панҷкаратаи самбои Тоҷикистон мебошад.

Ба ғайр аз Фаридун Одилов, дар муҳорибаҳои омехта ACA 24-уми декабр дар Маскав боз ду нафар аз Тоҷикистон - Осимхон Раҳмонов ва Анис Ёқубов рақобат мекунанд. Раҳмонов бо Астемир Нагоев аз Русия ва Ёқубов бо Рискулбек Иброҳимов аз Қирғизистон вориди рақобат мешаванд. Ҳарду размикори тоҷик дар вазни 57,2 кг ҳунарнамоӣ хоҳанд кард.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

«ИСТИҚЛОЛ» НИШОНИ ТИЛЛОРО ГИРИФТ, БА «РАВШАН» НУҚРА РАСИД

«Истиқлол»-и Душанбе ва «Равшан»-и Кӯлоб дастаҳое шуданд, ки пеш аз муҳлат зинаҳои аввали Чемпионати футболи Тоҷикистонро дар Лигаи олӣ ба даст оварданд.

Футболбозон ва мураббиёну роҳбарияти дастаи «Истиқлол»-и Душанбе, ки пеш аз муҳлат ғолиби Чемпионати Тоҷикистон-2023 гардиданд, пас аз бозии даври дуюми гурӯҳи «А»-и Чемпионати Тоҷикистон-2023 бо тими «Равшан» соҳиби Ҷоми қаҳрамонӣ ва нишонҳои тилло гардиданд.

Ин бозӣ бо натиҷаи 2:0 ба нафъи душанбегиҳо ба анҷом расид, ки голҳоро Сенин Себай, 17 (1:0) ва Шервонӣ Мабатшоев, 28 (2:0) заданд.

Футболбозони «Истиқлол» бо роҳбарии сармураббӣ Игор Черевченко дувоздаҳумин нишони тиллои худро ба даст оварданд. Қаблан “Истиқлол”-и Душанбе дар солҳои 2010, 2011, 2014, 2015, 2016, 2017, 2018, 2019, 2020, 2021 ва 2022 қаҳрамони Тоҷикистон шуда буд.

Як давр пеш аз анҷоми Чемпионати Тоҷикистон-2023 ба дастаи “Равшан”-и Кӯлоб зинаи дуюми мусобиқа таъмин шуд. Пас аз бохти “Эсхата” аз “Истиқлол” бо ҳисоби 2:4 дастаи шаҳри Хуҷанд шонси ишғоли зинаи дуюмро аз даст дод. Ҳамин тавр, “Равшан” новобаста аз натиҷаи воҳӯрӣ бо “Эсхата”, ки 18-уми декабр дар назар аст, барандаи медалҳои нуқраи мусобиқа гардид.

Дастаи «Эсхата» имкони ба ҷойи сеюм баромаданро дорад, агар дар бозӣ бо «Равшан» пирӯз шавад. Алҳол, дастаи «Кӯктош»-и Рӯдакӣ ин зинаро банд кардааст.



РЕЗААХБОР

Фарук Коча, раиси бошгоҳи "Анкарагуҷу" ахиран дар поёни бозии даври 15-уми футболи Туркия довар Ҳалил Умут Мелерро зад. Вохӯрӣ рӯзи душанбе дар Анқара баргузор шуда, бо ҳисоби 1:1 анҷом ёфт. Пас аз анҷоми бозӣ Коча бо ҳамроҳии чанд нафар ба рӯи майдон давида, доварро заданд. Ҳодисаро раисҷумҳури Туркия Раҷаб Тайиб Эрдуғон маҳкум кард. Президенти бошгоҳ барои задани довар ҳабс шуд.

***

Дастаи футболи “Интер Майами” (ИМА) эълон кард, ки бозиҳои пеш аз мавсимро дар Арабистони Саудӣ баргузор мекунад. Бошгоҳ дар он ҷо ду вохӯрӣ мегузаронад. Рӯзи 29-уми январ дастаи шаҳри Майами муқобили тими «Ал-Ҳилол» ва рӯзи 1-уми феврал бо дастаи «Ал-Наср» бозӣ мекунад. Дар бозии охир ситораҳои футбол Роналду ва Месси шояд рӯ ба рӯи ҳам оянд.



***

Номи ғолибони даври ниҳоӣ барои дарёфти ҷоизаи беҳтарин бозигари зани сол тибқи ҷоизаи Globe Soccer Awards маълум шуд, ки инҳо Айтана Бонмати (“Барселона”), Линда Кайседо (“Реал Мадрид”), Олга Кармона (“Реал Мадрид”), Дебиня (“Канзас Сити”), Аманда Илестедт (“Арсенал”), Сэм Керр (“Челси”), Асисат Ошоала («Барселона»), Фридолина Ролфе («Барселона»), Ҷорҷия Стэнвей («Бавария»), Мэри Эрпс («Манчестер Юнайтед») ҳастанд.

***

Футболбози тоҷик Манучеҳр Сафаров фаъолияти худро дар Суперлигаи Ӯзбекистон дар ҳайати дастаи «Нефтчӣ»-и Фарғона идома медиҳад. Сафаров бо «Нефтчӣ» шартномаи дусола бастааст ва акнун бо ҳамдастааш аз дастаи мунтахаби Тоҷикистон Зоир Ҷӯрабоев бозӣ хоҳад кард. Манучеҳр мавсими гузашта дар ҳайати дастаи «Локомотив» дар Про-Лигаи Ӯзбекистон бозӣ кард.



ҚОНУНИ ҶАНГАЛ

11-уми декабри соли 2023 дар Интернет сабти видеоии аз тарафи издиҳоми зодагони Ҷумҳурии Доғистони минтақаи Қафқози шимолии Русия латукӯб шудани як ҷавони зодаи Тоҷикистон нашр шуд. Ин ҷавонро ба муносибат доштан бо як духтари доғистонӣ айбор карда, ҳамакаса мушту лагадборон мекунанд.

Дар видео дида мешавад, ки сару рӯйи ҷавон ғарқи хун шудааст ва ӯ мегӯяд, ки ягон қасди баду фикри “расидан ба духтари доғистониро надошт”. Ӯ аз издиҳом илтичо мекунад, ки пеш аз задан аввал ӯро гӯш кунанд. Вале издиҳом ба задан идома медиҳад.

ҚОЧОҚИ 1 МЛН РУБЛ

Боҷхонаи минтақаи Тюмени Русия рӯзи 12-уми декабри соли 2023 хабар дод, ки кормандони боҷхонаи фурудгоҳи Сургут аз бағочи як мусофири парвози Сургут - Хуҷанд 1 миллиону 10 ҳазор рубл пули накд ёфтаанд.

Ин мусофир бо чунин маблағи бузург аз “роҳрави сабз” мегузашт, вале ба даст афтод. Кормандони боҷхона баъди таҳияи протокол 973 ҳазор рубл, муодили 10 ҳазор доллари амрикоиро ба соҳиби пул баргардонидаанд, вале 36 ҳазореро, ки меъёри зиёд буд, гирифтаанд.

БОЗДОШТИ МОДАР БАРОИ АЗОБУ УҚУБАТИ ФАРЗАНД

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Санкт-Петербург як ҷавонзани 30-сола аз Тоҷикистонро, ки ду писари 6 ва 8-солаи ӯ бо панҷаву ангуштони сӯхта ба кӯдакистон омада буданд, боздошт кард.

Ба зидди ин зан бар асоси моддаи 116-и Кодекси ҷиноятии Русия бо иттиҳоми латукӯби фарзандонаш парвандаи ҷиноятӣ кушодаанд. Бино ба иттилои дарёфтии сомонаи “Фонтанка”, ин ҷавонзани тоҷик, ки ҳамроҳи фарзандонаш аз соли 2019 дар Петербург зиндагӣ мекунад ва сабти номи қонунӣ дорад, аз сумкааш гум шудани як миқдор пулро фаҳмида, писаронашро, ки яке 6 ва дуюмиаш 8 сол доранд, истинтоқ кардааст. Баъди тасмашап кардан, зан дасти кӯдаконашро дар конфоркаи сӯзон нигоҳ доштааст.

ИН ЧӢ ДАҲШАТ АСТ?

Як сокини Конибодом модари солхӯрдаву беморашро бо 136 зарбаи корд куштааст

Як сокини 32-солаи кӯчаи Пахтаободи ҷамоати Фирӯзобаи шаҳри Конибодом бо иттиҳоми қатли бераҳмонаи модари 65-солааш дастгир шудааст.



Акбар Шарифӣ, сухангӯи РВКД вилояти Суғд шоми 10-уми декабри соли 2023 дар нашри навбатии барномаи телевизионии “Милитсия хабар медиҳад” хабар дод, ки Шаҳриёр Норматов рӯзи 24-уми ноябр модараш Ҳалимаҷон Норматоваро дар хонаашон бо 136 зарбаи корд куштааст. Дар гузориш гуфта мешавад, ки модаре, ки кушта шуд, аз соли 1993, инак 30 сол боз аз бемории руҳӣ ранҷ мебурд. Ин зан се фарзанд доштааст ва дар хона ҳамроҳи писари хурдиаш Шаҳриёр Норматов зиндагӣ мекард. Рӯзи 24-уми ноябр байни модару писар дар ҳуҷраи хоби писар муноқишае бархост, ки бо чунин оқибати мудҳиш: қатли модар аз дасти фарзанд анҷом ёфт. Акбар Шарифӣ ин чиноятро “хеле дарднок” ба қалам дода, гуфт, “модари муштипар, ки дар ин синни 65 сазовори меҳрубониву навозиш аз ҷониби фарзандон буд, аз ҷониби фарзанди нохалаф бо бераҳмии махсус кушта шуд”.

Шаҳриёр Норматов танҳо баъди як рӯз ба хешу табор аз марги ногаҳонии модараш хабар додааст, вале тавре бародарзодаи Ҳалимаҷон Норматова нақл кард, онҳо аввал дар гардани марҳум изи захми кордро дида, ба марги табиии аммааш шубҳа кардаанд.

Феълан аз болои ин қазия тафтишот идома дорад. Ташхис муайян хоҳад кард, ки Шаҳриёр Норматов бемории руҳӣ дорад ё не.

ЗАДУХӮРДИ МУСАЛЛАҲОНА ДАР ҶАЙҲУН



Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон хабар дод, ки дар як задухӯрди мусаллаҳона бо қочоқбарони афғон дар ҳудуди ноҳияи Ҷайҳун (собиқ Қумсангир)-и вилояти Хатлон дар марз бо Афғонистон як қочоқбар кушта шуда, ду шарики ӯ ба тарафи Афғонистон фирор кардаанд.

Дар наворҳои фаврии аз маҳали ҳодиса нашршуда дида мешавад, ки ин даргирии мусаллаҳона дар ноҳияи Ҷайҳун дар даруни як замини пахтазор сурат гирифтааст. Ин задухӯрд рӯзи 30-юми ноябри соли 2023 сурат гирифтааст, вале хабараш 10-уми декабр нашр шуд.

Бино ба иттилои расмӣ, кормандони Кумитаи амният ва нерӯҳои сарҳадии Тоҷикистон рӯзи 30-юми ноябр дар минтақаи дидбонгоҳи №5-и қисми низомии 0306-и отряди сарҳадии Панҷ дар ҳудуди ноҳияи Ҷайҳун як ҳолати убури ғайриқонунии марзи Афғонистон бо Тоҷикистон бо мақсади қочоқи маводи мухаддир аз ҷониби се нашъаҷаллоби мусаллаҳи афғонро ошкор кардаанд. Ҳангоми кӯшиши боздошти марзшиканон даргирии мусаллаҳона рух додааст. Дар гузориш гуфта мешавад, ки дар ҷараёни задухӯрд яке аз қочоқбарон бо номи Башир валади Аҳмад, ки зоҳиран 37 то 40 сол дорад, “безарар гардонида шуда”, ду шарики дигари ӯ ба самти Афғонистон фирор кардаанд. Аз ҷойи ҳодиса се борхалтаи полиэтиленӣ бо 25 баста бо 20 кило ҳашиш ёфт шудааст.

АЗ АНГИШТ ЭҲТИЁТ КУНЕД!

Марги модару духтар дар Душанбе

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодаи Тоҷикистон хабар дод, ки шаби 7 ба 8-уми декабри соли 2023 дар маҳаллаи Хуҷамбиёи поёни ноҳияи Исмоили Сомони шаҳри Душанбе се узви як оила: модари 42-сола ва ду духтари ӯ - солҳои таваллудашон 2002 ва 2020 аз дуди ангишт ҷон додаанд.



Ин ниҳод дар бораи ин ҳодисаи фоҷиабор тафсилоти дигар надодааст, вале бино ба иттилои дарёфтӣ, ҳарсе қурбонии ин ҳодисаи нохушро рӯзи 9-уми декабр ба хок супурдаанд. Модар бо ду духтараш ҳарсе дар хоб аз дуди ангишт заҳролуд шудаанд. Дар аксе, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр шуд, дида мешавад, ки ҷасадҳои аллакай сардшудаи модарро бо духтаронаш дар зери кӯрпаҳо дар ҳоле пайдо кардаанд, ки канори ҳам хобида буданд.

Падари ин хонавода дар муҳоҷирати корӣ дар Русия қарор доштааст. Аз се фарзанди ин хонавода танҳо як духтари дигар, ки дар хонаи шавҳараш буд, зинда мондааст.

Ҳар сол дар фасли сармо аз Тоҷикистон дар бораи аз дуди ангишт заҳролуд шудану ба ҳалокат расидани сокинон хабарҳо ба даст мерасанд.

ДУЗДИИ 1 МЛН СОМОНӢ

Дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони милитсия марди 27-солаи сокини шаҳри Панҷакент бо гумони содир намудани ҷинояти дуздӣ дастгир карда шуд.

Ӯ моҳҳои август-октябри соли 2023 бо мақсади дуздӣ ба хонаи истиқоматии зани 52-солаи сокини шаҳри Панҷакент даромада, аз онҷо 1 миллиону 10 ҳазор сомонӣ, 1 ҳазор доллари амрикоӣ ва ҷавоҳироти гуногуни тиллоиро дуздида, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст.

МОШИНАШРО БАСТА ЗАДУ ХОРИҶ ШУД

Додгоҳи ноҳияи Петрогради шаҳри Санкт-Петербурги Русия рӯзи 4-уми декабри соли 2023 ҳукми ихроҷи шаҳрванди Тоҷикистон Раҳмиддин Камоловро баровард.

Номи Камолов баъди садамаи шаби 2 ба 3-юми декабр дар ҷазираи Крестовский дар ғарби шаҳри Петербург ба сархатти хабарҳо афтод. Гап сари он буд, ки ба мошини хоксоронаи тамғаи “Киа Рио”, ки ин муҳоҷири тоҷик бо он ғизорасонӣ мекард, мошини гаронбаҳои тамғаи “Майбах”, ки рэпсаро ва шоумени маъруфи руси Баста (Василий Вакуленко) савори он буд, бархӯрд. Баста бо “Майбах” мошини муҳоҷири тоҷикро аз қафо зад ва табъан гунаҳкори садама ӯ буд. Вале мақомоти Русия ба ҷои таҳқиқи садама, ба тафтиши санадҳои Камолов пардохтанд ва ӯро ба вайрон кардани қоидаҳои будубош дар қаламрави Русия айбдор карданд.

Хадамоти муштараки матбуоти додгоҳҳои Петербург хабар дод, ки Додгоҳи ноҳияи Петроград Раҳмиддин Камоловро бар асоси моддаи 18.8-и Кодекси қонуншиканиҳои маъмурии Русия гунаҳкор шинохт. Тибқи маводи парванда, муҳлати будубоши Камолов дар қаламрави Русия ҳанӯз 26-уми январи соли 2020 ба анҷом расида буд, вале ӯ ғайриқонунӣ қариб 4 соли дигар дар Русия истодааст. Соати дуи шаби 3-юми декабри соли 2023 ӯро дар назди бинои №20 дар гузаргоҳи Левашов, яъне дар маҳали ба мошинаш бархӯрдани мошини Баста, ҳамчун “нафаре, ки аз 26-уми январи соли 2020 аз тарки қаламрави Русия саркашӣ мекард”, дастгир кардаанд.

Суд ӯро 5 ҳазор рубл ҷарима баста, ҳукми берун карданаш аз қаламрави Русияро содир кард.





ЗУКОМ

7 РОҲИ МУБОРИЗА БО ОН

1. Дастонатонро шӯед

Қабл аз истеъмоли хӯрок, баъди аз кӯча ё ҷойҳои ҷамъиятӣ ба хона омадан ҳатман дастони худро шӯед. Бо обу собун шумо аз вирусҳои қабати пӯсти дастонатон халос мешавед. Дар як рӯз 2-3 маротиба дастонатонро муддати 20 сония шӯед, хусусан байни ангуштонро нағзакак собун занед. Баъди шустани дастон бо сачоқи коғазин ё дастмол хушконед.

2. Бе тавсияи табиб антибиотик нахӯред

Сабаби асосии пайдоиши бемории зуком ва грипп вирус мебошад ва танҳо дар баъзе ҳолатҳо ангезандаи он микробҳо буда метавонанд. Доруворихои антибактериявӣ вирусро нобуд намесозанд. Сабаби сар задани беморӣ ва антибиотики мувофикро ба шумо танҳо табиб муайян карда метавонад. Худтабобаткунӣ манъ аст ва аксаран боиси тӯл кашидани беморӣ ва оқибатҳои ногувори он, хусусан дар кӯдакон ва нафарони калонсол мегардад.

3. Сирпиёзу пиёз ва чайқонидани гулӯ

Дар сурате, ки ҷараёни илтиҳоб аллакай фаро расида бошад, гармидиҳии иловагӣ сабабгори паҳншавии сироят ва бештар тӯл кашидани беморӣ мегардад. Сирпиёз ва пиёз ба пардаҳои луобӣ зарар расонида, қобилиятҳои муҳофизатиро заиф мегардонанд. Андешаи он, ки малҳамҳои барои бинӣ муқарраршуда аз сироятёбӣ ҳифз мекунанд, комилан ғалат аст. Баръакс, малҳам мӯякҳои муҳофизатии дохили биниро ба ҳам часпонида, барои ворид шудани вирусҳо имкон фароҳам меорад.

4. Ҳавои хонаро тоза кунед

Агар дар хона ё ҷои кор нафари бемор қарор дошта бошад, тоза кардани ҳавои утоқ кори ҳатмӣ аст. Тамоми рӯз кушода мондани тиреза лозим нест, зеро гармохунукшавӣ вазъиятро бадтар сохта, шумораи беморон бештар мегардад. Дар як рӯз 2-3 маротиба муддати 10 дақиқа ҳавои хонаро тоза кунед, кифоя аст. Ҳавои тоза вирусҳоро аз утоқ берун месозад.

5. Аз хоб сер кунед

Халал ёфтани реҷаи хоб ба қувваҳои муҳофизатии организм таъсири манфӣ мерасонад. Вояи муътадили хоб барои як шабонарӯз 8-8,5 соатро дар бар мегирад. Дар баробари ин, фаромӯш насозед, ки аз соати 22:00 то 23:00 шумо бояд аллакай дар бистари хоб қарор дошта бошед. Сабаб дар он аст, ки ҳормонҳои барои фаъолият ва саломатии ҷисм муҳим шабона ҳангоми хоб синтез мешаванд.

6. Бештар сайр намоед

Сайругашт гуфта, маркази савдо, мағоза ва дигар ҷойҳои маҳкаму дохили биноҳоро дар назар надорем. Ҷойи мувофиқ барои сайругашт боғ ва хиёбонҳои истироҳатӣ аст. Ҳатто сайругашти 20-30-дақиқагӣ дар ҳавои тоза масуниятро мустаҳкам месозад.

7. Парҳез накунед

Дар фасли сармо худдорӣ аз хӯрокҳои серғизо кори нодуруст аст. Аксарият ҳангоми парҳез ба витамину иловаҳои парҳезӣ (БАД) рӯ меоранд. Ба диққати чунин афрод мерасонем: Фаромӯш насозед, ки иловаҳои парҳезӣ ва витаминҳо, ғизоҳои сарирохӣ ҳеҷ гоҳ чои сафедаву чарб ва карбогидратҳои табииро намегиранд. Ғизои комил истеъмол намоед, он ҳангоми мубориза бо бемориҳо ва мубодилаи муътадили моддаҳо муҳим аст. Ҳатман ба хӯроки худ гӯшт, моҳӣ, тухм, шир ва маҳсулоти ширӣ, кабудӣ ва сабзавотҳои мавсимиро илова намоед.

ЭНЕРГИЯ АЗ КАДУ

Аксарият ба каду назарногирона менигаранд, вале дар таркиби ин сабзавоти оддӣ моддае бо номи карнитин мавуд аст, ки ҷисми моро саршор аз нерӯ ва энергияи нав мегардонад.

Каду ҷисми инсонро аз дарун тоза карда, ифлосиҳо (шлаки)-ро мебарорад ва кори майнаи сарро ба низом медарорад.

Каду дар таркибаш ҳамчунин витамини К дорад, ки барои мубодилаи моддаҳо ва фаъолияти бонизоми гурдаҳо бениҳоят зарур мебошад. Бартарии дигари каду он аст, ки дар таркибаш ба миқдори зиёд алфа ва бета-каротин дорад. Ин моддаҳо барои биноии чашм, рушди ҳуҷайраҳо ва пурқувват шудани системаи муҳофизатии организм, яъне иммунитети инсон бениҳоят зарур мебошанд.

Ҳамагӣ ним истакон шарбати кадуро бо ду қошуқ асал омехта карда нӯшед, асабро ором намуда, ба шумо эҳсоси фараҳу шодӣ мебахшад.

Ба шахсоне, ки аз бемории фишорбаландӣ азият мекашанд ё сатҳи холестерин дар хунашон баланд аст, хӯрдани донаки каду маслиҳат дода мешавад.

Кадуро дар бисёр намуди таомҳо истифода бурдан мумкин аст. Ҳоло ки зимистон аст ва каду фаровон мебошад, бештар мантуи кадугӣ пухта хӯред ва аз каду ҳар хел хӯрокҳои лазиз омода намоед, то ки аҳли хонадони шумо солиму бардам гарданд.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта бо ҳама забон ёфтанатон осон аст, вале вақти пурқиммати худро ба суҳбатҳои беҳуда нагузаронед. Бехтараш аз пайи рафъ намудани мушкиливу душвориҳои сарзада шавед. Дар ҷодаи муҳаббат дилатон меҳрубонӣ ва навозиши ёр мехоҳад.



Савр
21.04 - 21.05

Дар ин ҳафта нафаре кӯшиши асабӣ сохтану фиреб кардани шуморо мекунад. Ҳар ҳодисае, ки сар назанад, орому мусолиҳакор бошед. Ҳарчанд дар чунин лаҳзаҳо худро ба даст гирифтан кори душвор бошад ҳам, шумо бояд тоқат кунед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ягона чизе, ки монеи пешравиҳоятон мегардад, шармгинии шумо аст. Муҳим он аст, ки бояд ба нерӯи худ бовар дошта бошед. Танҳо дар ҳамин сурат аз мушкилиҳо намеҳаросед. Эҳтимоли дандондард шуданатон дар назар аст.



Саратон
22.06 - 23.07

Чанд муддат бояд аз атрофиён дурӣ ҷуста, танҳо дар фикри беҳбудии худ бошед. Нексиративу нексириштиро аз дурӯягӣ фарқ карданатон душвор мегардад. Охири хафта хароҷоти ногаҳонӣ имкон дорад. Дар мавриди саломатӣ ба ҳолати ҷигар диққати хоса диҳед.



Асад
23.07 - 22.08

Аввали ҳафта табъатон хуш мешавад ва дар муҳити корӣ низ шодиву хурсандиро эҳсос мекунед. Ба ғаму андуҳ дода нашавед, вагарна дӯсти қадрдонатонро аз даст медиҳед. Барои беҳтар гаштани вазъи саломатӣ ба хӯрок ва хоб диққати хоса диҳед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Аввали ҳафта дӯстони нав пайдо карда, бо нафарони воломақом шинос мешавед. Бодиққат бошед, вохӯрии тақдирсоз баъд аз анҷоми рӯзи корӣ шуморо интизор аст. Агар бо манзили истиқоматӣ мушкилӣ дошта бошед, дар ин ҳафта ба муроди дил мерасед.



Мизон
25.09 - 22.10

Имкони баланд бардоштани обрӯву нуфуз ва зиёд гаштани эътиборатон фароҳам меояд. Ҳангоми робита бо наздикон ба назаратон чунин мерасад, ки шумо забони якдигарро намефаҳмед. Ҳар мушкиле, ки ба саратон меояд, дар бораш ба касе нагӯед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин ҳафта заҳмати зиёд кашиданатон лозим меояд. Имкони дар баъзе масъалаҳо комёб шуданатон вуҷуд дорад. Ҳунару маҳорати худро нишон дода, барои ба мақсад расидан дилёбиву кордониро ба кор баред. Агар танбалӣ накунед, хеле муваффақ мегардед.



Қавс
25.11 - 21.12

Бо сабаби сар задани муноқишаву низоъ вазъи саломатиятон нохуб мегардад, аз ин рӯ, аз ҳама гуна ҷанҷол дурӣ ҷӯед. Ҳар коре, ки оғоз мекунед, бебарор анҷом меёбад. Корҳоеро, ки дар ин рӯзҳо ба нақша гирифта будед, ба таъхир гузоред.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар баҳсу мунозираи дӯстон ва гуфтушунидҳои корӣ нақши миёнаравро бозӣ мекунед. Дар ҳама кор масъулиятро эҳсос намуда, сари вақт ва фавран амал намоед. Дар масъалаҳои молиявӣ эҳтиёткор бошед, эҳтимоли фиреб хӯрданатон ҳаст.



Далв
21.01 - 19.02

Яку якбора бо чанд кор машғул шуданатон лозим меояд. Аз вазнинии кор худатон ҳам ба воҳима меафтед. Сафарҳои роҳи дурро ба таъхир гузоред, эҳтимоли бебарор анҷом ёфтани сафар ва сар задани бемориҳои рагҳои хунгарди дил дар назар аст.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ба некӣ бо некӣ ҷавоб гӯед, софдилу нексириштбошед. Ба шумо дастгирии дӯстону суҳбати гарму ҷӯшон намерасад. Дар ҷои кор барор ҳамсафаратон аст, вале аз роҳбарият таъриф намешунавед. Каме баъдтар кӯшишу дастоварди шуморо ҳатман қадр мекунанд.

Зиндагӣ он қадар фишорам дод...

Журналист ва шоири маъруфи тоҷик Иззатбек Идизода 70-сола шуд. Ба ин муносибат қарор аст дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон маҳфили адабӣ баргузор шавад. Базми ширу шакари шоир бо иштироки овозхононе, ки ашъорашро сароидаанд, баргузор мегардад.



Иззатбек Идизода 15-уми декабри соли 1953 дар ноҳияи Комсомолобод (имрӯза Нуробод) чашм ба олам кушодааст. Баъди хатми мактаби миёна соли 1971 ба факултаи филологияи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1976 хатм намудааст.

Муддате ба ҳайси котиби масъули рӯзномаи ноҳиявии «Ҳақиқати Комсомолобод», котиби масъули Ҷамъияти «Дониш»-и ноҳия ва муҳаррири варзидаи идораи «Ахбор»-и Радиои Тоҷикистон, ҷонишини сармуҳаррири ҳафтаномаи «Қонун ва ҷомеа» ва баъдан солиёни зиёд ҳамчун мудири шуъбаи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» кор кардааст.

Шеъру мақола ва очерку лавҳаҳояш аз солҳои ҳафтодуми асри гузашта дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳурӣ ба табъ мерасанд.

Гулчини офаридаҳояш дар беш аз 10 маҷмуаи дастаҷамъӣ ва китобҳои «Ба ҷӯи нав об омад» (1981), «Духтари шаб» (2003) ва «Як гули садбарг» (2014), "Сангтафс" (2018) ва "Шаббода" (2023) пешкаши ҳаводорони каломи бадеъ гардидааст. Инчунин чанде аз навиштаҳояш ба забонҳои русиву ӯзбекӣ ва англисӣ тарҷума ва чоп шудаанд.

Дар айни замон ӯ китоберо бо номи «Дар лаби чашма» бо се забон омодаи чоп намудааст, ки рӯзҳои наздик дастраси хонандагон мегардад.

Китоби «Шаббода»-и адиб Иззатбек Идизода, ки соли равон аз ҷониби нашриёти давлатии "Адиб" нашр шуд, ғолиби озмуни «Китоби сол-2023» гардид.

Дар зер чанд намуна аз китоби нави адиб пешкаши шумо мегардад.

Ба кулбаи ту меравам

Биё, ки абри дидаам ба гиря моил аст,
Биё, ки узв-узви ман ба роҳи ту ҳама дил аст.
Биё, ки ман ҳавойро чу шишаҳо,
Шикаставу ба кулбаи ту меравам.
Биё, ки ман ба боли абри осмон,
Чу дар фасонаҳо нишаставу ба кулбаи ту меравам.
Дилам, ки аз қарибу дӯстон гирифтааст,
Дилам зи сардмеҳрии ҷаҳон гирифтааст.
Биё мани димоғсӯхтаро
Ба сояҳои зулфи худ бигир як замон,
Ба рағми бевафоиҳо ба сӯи ман,
Биё чу қаҳрамон.
Биё, умедҳо чу кафтари сафед,
Маро зи умқи дидаҳо паридааст.
Биё, ки офтоби умри ман,
Ба сояи ғуруби худ расидааст.
Биё, ки ман зи баъди сад ҳазор шоирони хушбаён,
Чу ҳарзагӯй мезанам қадам.
Ба чашмҳои обиат қасам,
Биё, ки ман ҳавойро чу шишаҳо,
Шикаставу ба кулбаи ту меравам.
Биё, ки ман ба боли абри осмон,
Чу дар фасонаҳо нишаставу ба кулбаи ту меравам.

Рашк

Ҳар гаҳе аз хона мешавам берун,
Чун заминларза аз чӣ меларзӣ?
Зери лаб худ ба худ ҳамегӯӣ,
Боз бо кӣ ту ишқ меварзӣ?

Садқаи рашкҳои ширинат,
Ин қадар мекунӣ бадӣ бар ман.
Оҳ, хоҳӣ мисоли кабки қафас,
Созиям ту ба гӯшае побанд.

Ман ҳамон рӯди куҳсоронам,
Пеши роҳам ҳазор печу тоб.
Мешавам гар тиҳӣ зи худ гоҳе,
Чашмаҳоям кунад зи нав шодоб.

Гирди чашмони ман гули ожанг,
Аз ҳама фандҳои хӯрдаи худ,
Гӯиё ҳар шабе азодорам,
Дар сари орзуи мурдаи худ.

Зиндагӣ он қадар фишорам дод,
Зиндагӣ кард ҷони ман афгор.
Таҳ ба таҳ пас хароб гардидам,
Чун заминларзаи диёри Ҳисор.

Шоири халқӣ

Шоире гуфт: сайъ меварзам
Баҳри унвони шоири халқӣ.
Гуфтамаш чун зи халқ будӣ дур,
Месазад бошӣ: шоири ҳалқӣ.

Шеърҳои сафарӣ

Аз китобе бар китобе кӯч баст
Шеърҳои хоммағзу сарсарӣ,
Раҳ ба раҳ афсурдаю шалпар шуданд,
Шоири ман, шеърҳои сафдарӣ.

Даври ғижжак

Зоғаке қағ-қағ намуду булбуле шабкӯр шуд,
Рӯбаҳе бо думликонӣ аз палангон зӯр шуд,
Шоире гумном гашту ҳофизе машҳур шуд,
Ман чӣ гӯям: давр-даври ғижжаку танбӯр шуд.

Гӯристон

Мурдаеро ба роҳ мебурданд,
Даст бар даст сӯи гӯристон.
Гуфтам:- Эй одамон, шитоб чаро?
Оваредаш ба кулбаи моён,
Хонаи бе чароғу обу ҳаво,
Худ бувад нусхае зи гӯристон.

Косалес

Ҳамин ки мефуроӣ ту зи мошин,
Ба ин даргаҳ ниҳӣ гоми нахустин.
Ҳамоно косалесак омада сӯят,
Чу бӯгире бибӯяд аз бари рӯят.

Аҳли қалами ҳатфтаномаи "Тоҷикистон" Иззатбек Идизодаро ба муносибати расидан ба синни 70-солагӣ табрик гуфта, барояш саломатии бардавом, умри дароз ва барори корҳои эҷодиро орзу мекунанд.

Мавлудномаҳо

• 7 ДЕКАБР •

Хурсанд Аъзамов (1943), 80-солагии зодрӯзи муаррих.
Юсуф Вафо (1888-1945), 135-солагии зодрӯзи шоири халқӣ.
Ҳамро Усмон (1948-2015), 75-солагии зодрӯзи шоир.

• 8 ДЕКАБР •

Акбар Муслимов (1943-2012), 80-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.
Иброҳим Саидов (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ.
Василий Фоминов (1928), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

• 9 ДЕКАБР •

Ашӯрмаҳмад Ғуломов (1948), 75-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.
Валентина Кошевая (1938), 85-солагии зодрӯзи актриса ва коргардони театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

• 10 ДЕКАБР •

Зиё Абдулло (1948), 75-солагии зодрӯзи шоир.
Нурулло Абубакрзода (1948), 75-солагии зодрӯзи шоир.
Ғайбулло Авзалов (1948), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.
Усмонхоҷа Аҳмадхоҷаев (1938), 85-солагии зодрӯзи рассом.
Абдуғаффор Қодиров (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика, профессор.

• 11 ДЕКАБР •

Алибердӣ Муллоев (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.
Шамсиддин Самаров (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.
Ислом Содиқов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.
Фатҳулло Холов (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

• 12 ДЕКАБР •

Маъруфҷон Баротов (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.
Мизроб Исмоилов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.
Абдулғанӣ Мирзоев (1908-1976), 115-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор, академики АМИТ, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.
Иброҳим Мирзоев (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.
Рамазон Назариев (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.
Носирбек Нарзибеков (1953), 70-солагии зодрӯзи рассом.
Оиша Турсунова (1928), 95-солагии зодрӯзи актрисаи театр.
Акбар Усмонов (1943), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

• 13 ДЕКАБР •

Озар (Миралӣ Салимов) (1968), 55-солагии зодрӯзи шоир.
Ида Фрекина (1918-1994), 105-солагии зодрӯзи забоншинос.
Алишер Ҷӯраев (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

• 14 ДЕКАБР •

Баҳодур Саодатшоев (1948), 75-солагии зодрӯзи журналист.
Анастасия Чеховская (1908), 105-солагии зодрӯзи драматург.
Сафар Ҷумъаев (1918-1989), 105-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию хоҷагӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.
Муҳаммадҷон Шокиров (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

• 15 ДЕКАБР •

Сарфароз Қурбоналиев (1938), 85-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.
Ҳазрат Сабоҳӣ (1948), 75-солагии зодрӯзи санъатшинос.
Исомиддин Соатов (1943-2006), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.
Амина Табарова (1958), 65-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

• 16 ДЕКАБР •

Болта Насрӣ (1928-2007), 95-солагии зодрӯзи шоир.

• 17 ДЕКАБР •

Абдуваҳҳоб Алиназар (1933), 90-солагии зодрӯзи журналист.

• 18 ДЕКАБР

Низом Нурҷонов (1923-2017), 100-солагии зодрӯзи доктори илми санъатшиносӣ, профессор, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.
Шавкат Шарифов (1953), 70-солагии зодрӯзи муаррих.
Ҳикмат Юлдошев (1913-1979), 110-солагии зодрӯзи меъмор, академики АМИТ.

• 19 ДЕКАБР •

Мушаррафа Қосимова (1918), 105-солагии зодрӯзи актрисаи театру кино, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.
Шавкат Ниёзӣ (1928), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос, мутарҷим, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.
Баҳора Хуррамзод (1958), 65-солагии зодрӯзи санъатшинос.

• 20 ДЕКАБР •

Рустам Абдуллоев (1943), 80-солагии зодрӯзи муаррих.
Мақсуда Абдусаломова (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.
Абдулло Муҳаммадиев (1958), 65-солагии зодрӯзи журналист.
Бобо Насриддинов (1933-1993), 90-солагии зодрӯзи нависанда.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

►МЕФУРӮШАМ

►Самосвали МАЗ-МАN, 2013 с/б, 4 мост, рангаш зард, нархаш 220 000 сомонӣ. Тел.: 905-07-80-50, 770-00-75-00

ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Муҳри ҶДММ "Зармед", РЯМ: 0710009603, РМА: 070016446, ки аз 21.10.2015 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Аттестати синфи 11 ба номи Файзиев Қаххорҷон Нуркузиевич, ки соли 2012 аз ҷониби Литсейи иқтисодии тоҷикиву туркӣ (Экономический турко-таджикский литсей) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии №6885 ва шартномаи хариду фурӯши квартира №1Ш-478 аз 01.04.2015 ба номи Ҳамидов Мирзомурод, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Россия, деҳаи Яккатут 101, хонаи 20, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат аз 10-уми январи соли 2018, таҳти феҳрасти №1Ш-10 ба номи Ҷураева Саодатхон Ибрагимовна нисбат ба манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, ҷамоати деҳоти Раҷаб Исмоилов, деҳаи Маданият, хонаи беракам дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, хонаи 124, ҳуҷраи 20, ки ба номи шаҳрванд Ураков Тоирхон дар асоси шартномаи хариду фурӯш аз 6.09.1991 таҳти феҳристи 6д-2861 дар Идораи нотариалии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Сертификатҳои ҳуқуқи истифодаи замин дараҷаи А №0404405, рақами қайд №29512, аз 19-уми июли соли 2013 ва дараҷаи А № 0 2 3 8 2 1 7 , 24.12.2009 ба номи ҶДММ "Бахтиёр", бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чоряккорон, деҳаи Ҳуснобод, ки дар Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки аз тарафи Сариdораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми январи соли 1998, таҳти феҳрасти №12Д-20 ба номи Шарифзода Нуридин (то ивази насаб, ном, номи падар Шамсудинов Нуридин Шарифович) нисбат ба манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Нарзиқулов (собиқ Мичурин), бинои 5, хонаи 2 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Шоимардонов Ҳакимхон, РЯМ: 0331230937, РМА: 245119542, ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Қандиков Баҳодур Шодихонович, РМА: 046310225, РЯМ: 0130186825, ки дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Табарова Анор Файзуллоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Суриков, хонаи 21, эътибор надорад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Хамидова Латофат Уразовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи 2 проезд Қаҳҳоров, хонаи 5, эътибор надорад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси ҶДММ "Чупон ота", РЯМ: 0710010135, РМА: 070017060, ки аз 14.12.2018 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат аз 1-уми ноябри соли 2019, таҳти феҳрасти №1Ш-644 ба номи Сафарова Зарнигор Икромовна нисбат ба манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Раҳимзода, бинои 16А, хонаи 6 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, шаҳодатнома дар бораи дар Феҳрасти ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он КДФ «бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и ш. Душанбе аз 6-уми апрели соли 2018 №3509, Шартнома оид ба ҳуқуқи моликият супоридани квартира аз 05.04.2018, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ, шаҳри Душанбе таҳти феҳрасти № 1ш-402, кӯчаи И. Сомонӣ 3/2, блоки 1-2, квартираи 95 ба номи Сохибова Мохрухсор Махмадаминовна ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шаванд.

►Шиносномаи техникӣ, шаҳодатнома дар бораи дар Феҳрасти ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он КДФ «бақайдгирии молу мулки ғайриманқул»-и ш. Душанбе аз 6-уми апрели соли 2018 №3514, Шартнома оид ба ҳуқуқи моликият супоридани квартира аз 05.04.2018, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонӣ, шаҳри Душанбе таҳти феҳрасти № 1ш-403, кӯчаи И. Сомонӣ 3/2, блоки 1-2, квартираи 96 ба номи Сохибова Мохрухсор Махмадаминовна ба расмият дароварда шудааст, беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома ва иқтибоси кооперативи тиҷоратӣ ба номи Мамлакати Зубайдулло, РМА: 330007216, РЯМ: 3310005564, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 12Р-2022 аз 09.11.2006, ки дар Идораи нотариалии давлатии ш. Ваҳдат ба номи Ҳиматов Абубакр Маҳмадуллоевич бо суроғаи ш. Ваҳдат, кӯчаи Янгибозор 21 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 8Ш-4220, ки аз 09.10.2008 дар Идораи нотариалии давлатии н. Сино ба номи Нуралиев Ботурали Маҳмадалиевич бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, хонаи 54, квартираи 17 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти Литери 3.1./х таҳти феҳрасти 8Ш-5519 аз 01.11.2011, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Сино ба номи Додоханова Бибиқанд Назриевна, хона воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Зоя Космодемянская, хонаи 18/1 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

►Ташкилоти ҷамъиятии “ТаҷРапт” ба самъи шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ (ҳамкорону шарикон) мерасонад, ки Ташкилот фаъолияти Филиали ТҶ "ТаҷРапт" воқеъ дар ш. Душанбе таҳти рақами 238 “А” Ф/Н, аз 24.07.2023-ро, ки аз қайди баҳисобгирии давлатӣ гузаштааст, қатъ карда истодааст ва раванди барҳамдиҳиро оғоз намудааст. Суроға: ш. Хуҷанд, к. И. Сомонӣ 74. Тел.: 93-105-50-60

► ҶДММ "Тахал Интернешнал Лимитед", №1, РЯМ: 0210028739, РМА: 020053881, воқеъ дар ноҳияи И. Сомонӣ фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Судоку


						1		
6		7						
			1			5	8	2
		8			3		4	6
			5				3	
	3	1		8				
4			2		1	6		
	5			4			7	

6			7	5				
			8			6	3	
	5		6					
9	6	8			2	1		
							4	
3		1						9
				8		2		
		9				7		4
2	8	3						

Фарқиятҳоро ёбед



Лабиринт



СКАНВОРД



Кор-гоҳи усто
Манораи баландта-рини Кремл-ли Маскав
Квар-тети шведӣ
Сайд кардан, шикор-гирӣ.
Шаҳр дар вилояти Вологдаи Русия
Os - унсури кимиёвӣ
Ашӯла, таро-на.
...у анҷом
Узви ҳазми таом
Ирина дар кудакӣ
Олати мусиқӣ
К. Ривз дар филми ҳунарии "Матритса"
Са - унсури кимиёвӣ
Миробид ...и На-сафӣ, шоир
Гавҳари хушси-фат
Истгоҳ дар ка-нали Маскав.
Дӯстӣ, ошноӣ.
Ҳофиз, мут-риб.
Ҳамаи оламҳо
Ҷои му-шоҳидаи сито-раҳо.
Кӯча дар шаҳри Душанбе.
Ғамнок, андӯҳгин
Карашма, ишва.
Ҳис
Тифлҳо, бачаҳо
Давлат дар нимҷази-раи Ҳинду-хитой
Деҳқони Спарта
Ши-бит.
Зани са-води араби-дошта
Торҳои мағзи Сар
Милки дандон
Марат ...ов, ҳунар-манд.
Асбоби дуред-гар.
... Браун, ҳамсари Гитлер
…-Спорт (намуди варзиш)
Хор-пушт ба арабӣ
Номи ҳарфи арабӣ
Шуғл, машғули-ят
Воҳиди индуксияи магнитӣ
Пешрави рама, гӯсфанди фарбеҳ
Касал-лии си-роятӣ.
Суро, қӯрғошим
Қӯшунҳои ҳавоӣ ё баҳрӣ
Атомҳои заряд-нокшуда
...-маскарад, ша-би рақс
Даррандаи сиёҳи гурба-шакл
Шаҳр дар ИМА

Робита бо душман

Ватсон аз Холмс мепурсад:

- Холмс, шумо хабари навро шунидед: як зан иддао намудааст, ки бо собиқ шавҳари худ мубошират дӯстона дорад. Ба фикратон чунин ҳам мешавад?

Холмс дар ҷавоб:

- Наход ҳаминро ҳам нафаҳмед, то талоқ гирифтанаш зан бо шавҳараш мубошират душманона дошт.

Имконият

Мардеро ҳангоми аз бонк дуздӣ карданаш дастгир карда, мепурсанд:

- Чаро даст ба дуздӣ задӣ?

Мард мегӯяд:

- Аз назди бонк мегузаштам, ки назарам ба навиштаҷоти “Имкониятро аз даст надеҳ” афтод.

Маҳфӣ

Марде зани фарбеҳеро ба оғӯш гирифта, мепурсад:

- Насибахон, вазни шумо чӣ қадар аст?

Зан бо ноз:



- Ин маҳфӣ аст...

Мард мегӯяд:

- Ақаллан се рақами аввалашро гап занед...

Туҳфа

Мард аз зани дӯстдоштааш мепурсад:

- Ба ту чӣ туҳфа кунам?

Зан дар ҷавоб:

- Намедонам, ба ман ҳар гуна пулҳо маъқуланд.

Нусхабардорӣ

Хушдоман аз келин мепурсад:

- Барои чӣ набераам ба писари ман монанд нест?

Келин мегӯяд:

- Хола мебахшед, ман асбоби нусхабардорӣ надорам.

Туҳфа

Ҷарроҳи ҷавонро баъди ду маротиба бебарор анҷом ёфтани ҷарроҳияш мудири шуъба даъват карда, мепурсад:

- Гӯш кун, Аброров, ту дипломро харидаӣ чӣ?

Ҷарроҳ дар ҷавоб:

- Хафа мекунед, духтур, барои чӣ дипломро мехаридаам? Онро ба ман дар зодрӯзам туҳфа карданд!

Таксӣ

Модар аз духтараш мепурсад:

- Ту дина шаб ба хона бо мошини кӣ омадӣ?

Духтар:

- Бо таксӣ.

Модар:

- Чаро ронандаи таксӣ туро дар назди подездамон бӯса кард?

Духтар:

- Ин навъи хизматрасонии муосир аст, тарофаи комфорт-плюс.

Таҳияи Н.РАҶАБОВА

Сканворд





МАН КАЙ ЗИНДАГӢ МЕКУНАМ?

Суҳбати падар бо писарчаи 3-сола:

- Падарҷон, вақте ман калон мешавам, ба кучо меравам?

- Ба мактаб.

- Баъд?

- Ба донишгоҳ.

- Баъд?

- Баъд кор мебарой.

- Баъд?

- Баъд ба нафақа.

- Дар ин рӯйхат зиндагӣ ҳам ҳаст?

- Кадом зиндагӣ?

- Ман кай зиндагӣ мекунам?

Тарҷума аз забони русӣ

КАДУ ДАР ЗОДРӮЗ

Аз ҷиянам Мумтоз, ки имрӯз зодрӯз дорад, пурсидам:

- Дар рӯзи таваллудат очаат чӣ кушт?

Гуфт:

- Каду!

ЗАН ГИРЕД!

Эълони то 50 фоиз тахфифро ба маҳсулоти гуногуни фурӯшгоҳи «Авранг» хонда, рӯзи якшабе ба тамошои он омадам. Аз ошёнаи якум, аз тамошои яхдонҳо шуруъ карда, то ошёнаи се баромадам, ки дар он мебелҳои гуногуни зебо, вале гарон фурӯхта мешуданд. Мебелеро дидам, ки ҳам барои нишаст истифода мешуд ва ҳам чун рахти хоб. Ба истилоҳи имрӯз, диван-кресло. Бештар аз 20 ҳазор сомонӣ арзиш ва 15% тахфиф дошт. Онро хуб тамошо карда, ба фурӯшанда, бонуи зебову хандонрӯ гуфтам:

- Чаро инҳо ин қадар гаронарзишанд? Ба фикрам зан гирем, арзонтар меафтад.

Бо хандаи ба худаш зебандае гуфт:

- Агар зан гирӣ, дивану шифонерат бепул меафтад.

- Чӣ хел бепул?,- бо тааҷҷуб пурсидам.

Гуфт:

- 20 ҳазор қалинаш медиҳӣ, шифонеру рахти хобро худаш меорад.

Холиқназар ҶУМЪАЕВ